التاجيكية

тоҷикӣ

مترجم لعدة لغات

صحيح الدعاء والثناء على الله تعالى

# Дуъои саҳеҳ ва ситоиш бар Аллоҳ таъоло

Д. Абдуллоҳ ибн Ҳумуд Ал-Фурайҳ

- Одоби дуъо
- Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳ таъоло
- Дуъоҳои Қуръонӣ
- Дуъоҳои намоз
- Дуъоҳои набавӣ
- Истиъозаҳои набавӣ
- Дуоҳои руқя
- Зикрҳои субҳу шом

د. عبدالله بن حمود الفريح



Барои гузаштан байни мавзӯъҳои зикрҳо ва дуоҳо, болои мавзӯъро пахш кунед.

doa.eqtidaa.com

بسم الله الرحمن الرحيم

# Муқаддима

Ҳамду сипос мар Парвардигори ҷаҳонрост, ва дурӯду салом бар Паёмбари Худо ва бар ҳама аҳли хонадону асҳобаш бод.

Ин китоби хубе аст, ки дуоҳои ҷомеъ ва пурраеро дар бар гирифтааст. (Сано ва ситоиши Худованд, Дуоҳои Қуръонӣ, Дуоҳои Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод), Истиъозаҳои Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод), Руқяи шаръӣ, Ва Зикрҳои субҳу шом), Инчунин одоби дуоро ҳам дар бар гирифтааст. Кушиш кардам,

ки дуоҳои саҳеҳ ва дурустро ихтиёр кунам, то инки мусулмон бо дуоҳои саҳеҳ, ки хайру хубии зиёдеро дар бар гирифтааст ва сарчашмааш аз китоб ва суннат аст, дуо кунад.

Ва ҳамаи дуоҳоро бо забони арабӣ ва тарҷумаашро бо забони тоҷикӣ ва тарзи нутқи онро навиштам. Ва дар охири китоб тасҳиҳи ҳадисҳои дуоро зикр кардам.

Ва аз Худованд умед дорам, ки ин амалро холис барои худаш гардонад ва дурӯду салом бар Паёмбарамон Муҳаммад ва бар ҳама аҳли хонадону асҳобаш бод.

**Д. Абдуллоҳ ибн Ҳумуд Ал-Фурайҳ**

# Дуоҳо

Эй Мусулмон! Ту муҳтоҷ бар Парвардигорат ҳасти… Ва бо Худованди пок аз ҳама кас ва ҳама чиз бениёз ҳасти.

Инҳо дуоҳои ихтиёршуда барои ту аст… Бо ҳузури дилат барои ин дуоҳо таёр бош…

Ин дуоҳое аст, ки хайру некиҳои зиёдеро дар бар гирифтааст.

Чиқадари аз онро метавони ҳифз намо.

Чи бисёр дуоҳое ҳаст, ки кифоят кунандаи ҳама ниёзҳои ту мебошад. Зеро ин дуоҳо агарчи дар калима ва алфозаш ҳам кам бошад, вале дар бар гирандаи маънои васеъ аст, барои он фақат ҳузури қалб ва таслим шудан дар баробари Парвардигорат лозим аст…

# Одоби дуо кардан

**Аввал:** Дуокунанда дуоро холис барои Худованд дуо кунад, Ва яқин бидонад, ки фақат Худованд бар иҷобат кардани дуояш қодир ва тавоно аст. Пас ғайри худоро дуо накунад ва касеро восита нагардонад, на паёмбареро ва на валие ва на малоика ва на бандаи солеҳеро, ва ҳар касе ки набошад. Худованд мефармояд:

﴿فَٱدۡعُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ﴾ [غافر:١٤]

"[Танҳо] Аллоҳро дуо ва ибодат кунед ва дуо ва ибодати худро холис барои Аллоҳ гардонед" (Ғофир 14),

**Дуввум:** Бояд дар хотир дошта бошӣ, ки дуо кардан худ ибодати бузургест ва Худованд онро дӯст медорад. Ва новобаста аз инки дуо қабул мешавад ё не, ту барои дуо карданат аҷру савоб мегири.

**Севвум:** Бояд ба Худованд боварӣ ва эътимод дошта бошӣ, ки Худованд барои иҷобат ва қабули дуоят қодир ва тавоно аст. Ва инки барои қариб шудан ба Худованд эҳтиёҷ ба ягон махлуқе надори, ки туро ба Худованд қариб гардонад, ва ин корҳо сабаби воқеъ шудани мусулмон дар бидъатҳо ва амалҳои номашруъ мегардад.

**Чаҳорум:** Худованд аз тавба кардан ва ба суи Ӯ баргаштанат шод мегардад, агарчанде ба сабаби гуноҳони зиёдат аз Ӯ дур боши. Пас ҳушёр бош! Ва фикр накун, ки дуоят қабул намешавад ё инки аз раҳматаш ноумед боши. Балки шод шудани Худованд аз тавбаат ва рӯй овардани худ ба суи Худовандро (Ва Худованд аз ин бениёз аст), дар ёд дошта бош ва ин сухани Худовандро ба ёд биёр:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ يَغۡفِرُ ٱلذُّنُوبَ جَمِيعًاۚ﴾ [زمر: ٥٣]

(Дар ҳақиқат Аллоҳ таоло ҳамаи гуноҳонро мебахшад) (Зумар 53) Ва сухани Худованд:

﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ ۖ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ ۖ﴾ [بقره: ١٨٦]

(Ва [эй паёмбар] чун бандагонам дар бораи Ман аз ту бипурсанд, [ба онон] бигӯ: Ман наздикам ва дуои дуокунандаро – ҳангоме ки маро бихонад – иҷобат мекунам) (Бақара 186)

**Панҷум:** Таъому нушокии дуокунанда аз касби ҳаром набошад, зеро он аз ҷумлаи манъ кунандаҳои иҷобати дуо аст. Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) аз Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ривоят кардааст: Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мисоле

зикр кард: “Марде ки сафари дарозмудате дорад, ва сару рӯяш пур аз ғубори роҳ асту дар у асари машақати роҳ дида мешавад, ва дастонашро ба сӯи осмон мебардораду мегуяд:

«الرَّجُلَ يُطِيلُ السَّفَرَ أَشْعَثَ أَغْبَرَ، يَمُدُّ يَدَيْهِ إِلَى السَّمَاءِ، يَا رَبِّ، يَا رَبِّ، وَمَطْعَمُهُ حَرَامٌ، وَمَشْرَبُهُ حَرَامٌ، وَمَلْبَسُهُ حَرَامٌ، وَغُذِيَ بِالْحَرَامِ، فَأَنَّى يُسْتَجَابُ لِذَلِكَ؟»:

Эй Парвардигори ман! Эй Парвардигори ман! Дар ҳоле ки хурданию нӯшиданиаш ҳаром аст, либосҳояш аз ҳаром аст, ва аз ҳаром сер карда шудааст, пас чигуна дуои у қабул гардад?”. (Ривояти Муслим 1015)

**Шашум:** Дуокунанда бояд одоб ва суннатҳои дуоро риоя кунад, ки инҳоянд:

1 Бо таҳорат будани дуокунанда, чигунае ки барои намоз таҳорат мекунад, зеро дар ҳадиси Абу Мусо (Худованд аз ӯ розӣ бод), дар саҳеҳ Бухорӣ ва саҳеҳ Муслим ва қиссаи аммаи Абу Омир омадааст:

Абу Омир (Худованд аз ӯ розӣ бод) ба Абу Мусо (Худованд аз ӯ розӣ бод) тавсия дод, ки аз Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) хоҳиш кунад ки дар ҳаққаш дуо кунад, Пас Абу Мусо (Худованд аз ӯ розӣ бод) Паёмбарро (Дурӯду саломи Аллоҳ

бар Ӯ бод) хабар кард, Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) талаб кард, барояш об биёранд ва бо он таҳорат кард ва баъд аз он дастонашро бардошт ва гуфт:

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِعُبَيْدٍ، أَبِي عَامِرٍ»

"Эй Аллоҳ! Убайд, Абу Омирро мағфират кун".

то инки сафедии бағалҳояшро дидам – баъд аз он гуфт:

«اللَّهُمَّ اجْعَلْهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فَوْقَ كَثِيرٍ مِنْ خَلْقِكَ، أَوْ مِنَ النَّاسِ»:

"Эй Аллоҳ (Мартабаи ) ӯро дар рӯзи қиёмат бар бисёре аз махлуқонат боло бигардон, ё аз мардум" Ривояти Бухорӣ (4323) ва Муслим (2498).

2 Рӯй ба тарафи қибла кардан.

3 Ҳарду дастро бардошта дуо кардан.

Ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос (Худованд аз онҳо розӣ бод) далолат бар ин ду суннат (Рӯй ба тарафи қибла кардан. Дастонро бардошта дуо кардан.) мекунад.

Абдуллоҳ ибни Аббос (Худованд аз онҳо розӣ бод) гуфт: Умар ибни Хаттоб (Худованд аз ӯ розӣ бод) бароям гуфт: Рӯзи Бадр (ғазваи Бадр) Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба сӯи мушрикон нигоҳ кард - дар ҳоле ки онҳо ҳазор (1000) нафар буданд ва саҳобагони Паёмбар

(Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) се саду нуздаҳ (319) нафар буданд – Паёмбари Худо (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) рӯй ба сӯи қибла кард ва дастонашро бардошта Парвардигорашро нидо кард:

«اللَّهُمَّ أَنْجِزْ لِي مَا وَعَدْتَنِي، اللَّهُمَّ آتِ مَا وَعَدْتَنِي»:

"Эй Аллоҳ! Ончи бароям ваъда додаи, бароям анҷом бидеҳ, Эй Аллоҳ! Ончи бароям ваъда додаи бароям биёр ... " Ривояти Муслим (1763)

4 Инки дуояшро бо ҳамду сано бар Худованд, ва дуруду салом бар Паёмбар шуруъ кунад. Дар ҳадиси Фазола

ибни Убайд (Худованд аз ӯ розӣ бод) саҳобии Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) омадааст, ки мегӯяд: Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) мардеро шунид, ки дуо мекард, ва дар дуояш ҳамду сано бар Худованд ва дуруду салом бар Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) нагуфт. Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) гуфт: «عَجِلَ هَذَا»: "Ин мард шитоб намуд" Сипас ӯро ба наздаш фаро хонд ва ба ӯ – ё ба дигаре - гуфт:

«إِذَا صَلَّى أَحَدُكُمْ، فَلْيَبْدَأْ بِتَمْجِيدِ رَبِّهِ جَلَّ وَعَزَّ، وَالثَّنَاءِ عَلَيْهِ، ثُمَّ يُصَلِّي عَلَى النَّبِيِّ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ، ثُمَّ يَدْعُو بَعْدُ بِمَا شَاءَ»:

"Вақте яке аз шумо дуо мекунад, бо сипосу ситоиш ва шукри Парвардигораш шуруъ кунад, сипас бар Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) салавот бифиристад, сипас ҳар дуое бихоҳад дуо кунад".

Пас агар бо ҳамду ситоиш бар Худованд шуруъ кунад ва хусусан оятҳои сано ва ситоиш, ки дар аввали сураҳо омадааст ва дар саҳифаҳои оянда онҳоро зикр мекунем, Сипас дуруд ва салом бар Паёмбар (Дурӯду

саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) бифиристад. Баъд аз он бо ҳамду саноҳои гуногун, ки онҳоро дар саҳифаҳои оянда зикр мекунем, Худовандро ситоиш намояд, ингуна дуо ба иҷобат ва қабул наздиктар мебошад.

5 Бо гумони нек ва яқин дар иҷобати дуо Худовандро дуо кунад, дар қабули дуо шитоб накунад, Балки яқин дошта бошад, ки Худованд дуояшро қабул мекунад. Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) гуфт:

«لَا يَزَالُ يُسْتَجَابُ لِلْعَبْدِ، مَا لَمْ يَدْعُ بِإِثْمٍ أَوْ قَطِيعَةِ رَحِمٍ، مَا لَمْ يَسْتَعْجِلْ»:

"Дуои бандаи муъмин ҳамчунон пазируфта мешавад, то замоне ки барои анҷом додани гуноҳ ё қатъи пайванди хешованди дуо нанамояд ва инчунин шитоб нанамояд" Шахсе гуфт: Эй Паёмбари Худо! Шитоб кардан бо кадом маъно аст, Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«يَقُولُ قَدْ دَعَوْتُ وَقَدْ دَعَوْتُ، فَلَمْ أَرَ يَسْتَجِيبُ لِي، فَيَسْتَحْسِرُ عِنْدَ ذَلِكَ وَيَدَعُ الدُّعَاءَ»:

Шитоб кардан ба ин маъно, ки мегӯяд: Ман бисёр дуо кардам, ман бисёр дуо кардам, вале

надидам, ки Худованд дуоямро қабул кунад, Пас дар ин ҳолат ноумед мешавад ва дуо карданро тарк мекунад". Ривояти Муслим (2735)

6 Инки Худовандро бо номҳои зебояш дуо кунад, ва аз номҳои Худованд муносиб ба дуояш ихтиёр намояд, Агар аз Худованд ризқ бихоҳад, "Ё Раззоқ" гуфта дуо кунад, Ва агар аз Худованд раҳмат талаб кунад, "Ё Раҳмон ё Раҳим" гуфта дуо кунад, Ва агар аз Худованд иззату сарбаланди бихоҳад, "Ё Азиз" гуфта дуо кунад, Ва агар аз Худованд

мағфирату бахшиш бихоҳад, "Ё Ғафур" гуфта дуо кунад, Ва агар аз Худованд шифо талаб кунад, "Ё Шофӣ"

гуфта дуо кунад, Ва ҳамингуна барои ҳар талабаш номе аз номҳои Худовандро, ки мувофиқи дуояш бошад, гуфта дуо кунад. Худованд мефармояд:

﴿وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ﴾ [الأعراف:١٨٠]

"Ва зеботарин номҳо барои Аллоҳ таоло аст, пас, Ӯро ба он [номҳо] бихонед". (Аъроф 180)

7 Инки лафзи дуоро такрор ба такрор бигуяд ва аз Худованд бо зорию хоксорӣ ва бо исрор талаб кунад.

Дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Аббос (Худованд аз онҳо розӣ бод) дар дуои Паёмбар барои Саҳобагонаш дар ғазваи Бадр омадааст, ки гуфт:

«اللَّهُمَّ أَنْجِزْ لِي مَا وَعَدْتَنِي، اللَّهُمَّ آتِ مَا وَعَدْتَنِي»:

"Эй Аллоҳ! Ончи бароям ваъда додаи, бароям анҷом бидеҳ, Эй Аллоҳ! Ончи бароям ваъда додаи бароям биёр ... " Ва ҳамчунон Худовандро нидо мекард, то инки ридояш аз китфонаш афтод, Дар ин ҳангом Абубакр (Худованд аз ӯ розӣ бод) ҳамроҳаш истода буд ва мегуфт: "Эй Паёмбари Худо! дуо ва дархост аз Парвардигорат басанда аст, Худованд ба ваъдааш вафо хоҳад кард". Ривояти Муслим (1763)

Инчунин ҳадисе ки дар саҳеҳ Бухорӣ ва саҳеҳ Муслим омадааст, Дар ҳадиси Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ҳангоме ки Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар ҳақи қабилаи Давс дуо мекард чунин гуфт:

«اللَّهُمَّ اهْدِ دَوْساً وائْتِ بهم، اللَّهُمَّ اهْدِ دَوْساً وائت بهم»:

"Бор Илоҳо! (Қабилаи) Давсро ҳидоят кун ва бар Ислом мушарраф гардон, Бор Илоҳо! (Қабилаи) Давсро ҳидоят кун ва бар Ислом мушарраф гардон". (Ривояти Бухорӣ (2937) ва Муслим (2524).

8 Инки бо овози паст дуо кунад ва дар вақти дуо кардан овозашро баланд накунад, зеро Худованд мефармояд:

﴿ٱدۡعُواْ رَبَّكُمۡ تَضَرُّعٗا وَخُفۡيَةًۚ﴾ [الأعراف: ٥٥]

–[Эй муъминон] Парвардигоратонро ба зорӣ ва пинҳонӣ бихонед. (Аъроф 55).

Пинҳонӣ ва бо овози паст дуо кардан наздиктар ба ихлос аст. Бинобар ин Худованд дуои Закариёро мадҳу тавсиф кардааст, ки мефармояд:

﴿إِذۡ نَادَىٰ رَبَّهُۥ نِدَآءً خَفِيّٗا ٣﴾ [مريم: ٣]

"Он гоҳ ки (Закариё) Парвардигорашро ба нидое пинҳон [ба дуо] хонд". (Марям 3)

Бахотири бо ихлос гардидани дуо. Қавли яке аз олимони тафсир.

9 Инки дуо шомили мадҳу сано ва ситоиши Худованд бошад, Зеро Худованд дӯст медорад, ки бандааш Ӯро сано ва ситоиш бигӯяд. Худовандро бо ҳамду сано ва ситоиш ибодат кунад, агарчанде Худованд ба ибодати бандагонаш эҳтиёҷе надорад. Дар саҳеҳ Бухорӣ ва саҳеҳ Муслим аз ибни Масъуд ривоят аст, ки Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) фармуданд:

«وَلَا أَحَدٌ أَحَبَّ إِلَيْهِ الْمَدْحُ مِنَ اللهِ وَلِذَلِكَ مَدَحَ نَفْسَهُ»:

–"Ҳеч кас ҳамду саноро

ба андозаи Худованд дӯст намедорад, аз ин ру худро мадҳу сано ва ситоиш намудааст". Ривояти Муслим (2760)

10 Инки дуокунанда вақтҳои иҷобати дуоро барои дуо карданаш ихтиёр намуда дар он вақтҳо Худовандро дуо намояд. Аз ҷумлаи вақтҳо ва ҳолатҳои қабули дуо, ки дар ҳадисҳо ворид шудааст, ин аст: (Дуо байни азон ва иқомати намоз - дар сеяки охири шаб – дар вақти ҷумъа (байни хутбаи аввал ва дуввум) – баъди намозҳо – дар ҳолати саҷда – вақти боридани борон

– дуои мусулмон бар бародари мусулмонаш дар вақти ғоиб буданаш – дуои падар барои фарзандонаш – дуои мусофир – ва дуои мазлум)

# Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳи мутаъол



Оянда

Бaргаштан ба саҳифаи аввал

Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳи мутаъол.

﴿ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣ مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ ٤﴾

[الفاتحة: ٢-٤]

(Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Бахшояндаи меҳрубон, Фармонравои рӯзи ҷазост). [Фотиҳа: 2-4].

﴿ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ جَاعِلِ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلًا أُوْلِيٓ أَجۡنِحَةٖ مَّثۡنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَۚ يَزِيدُ فِي ٱلۡخَلۡقِ مَا يَشَآءُۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ١﴾ [فاطر:١]

(Ҳамду ситоиш Аллоҳрост, офарандаи осмонҳову замин аст, ва Зотест, ки Фариштагонро расулон ва соҳиби болҳои дугона ва сегонаву чаҳоргона қарор дод. Дар офариниш ҳар чӣ бихоҳад, меафзояд, бешак Аллоҳ бар ҳар чизе қодиру тавоност). [Фотир: 1].

﴿ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ وَجَعَلَ ٱلظُّلُمَٰتِ وَٱلنُّورَۖ﴾ [الأنعام:١]

(Ҳамду ситоиш азони Аллоҳест, ки осмонҳову заминро биёфарид, ва торикиҳову рӯшноиро падидор намуд) [Анъом: 1].

Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳи мутаъол.

﴿ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي لَهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِ وَلَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلۡأٓخِرَةِۚ وَهُوَ ٱلۡحَكِيمُ ٱلۡخَبِيرُ ١﴾ [سبأ:١]

(Ҳамду ситоиш аз они Аллоҳест, ки ҳар чӣ дар осмонҳову замин аст, аз они Ӯст. Ва дар охират низ ҳамду ситоиш аз они Ӯст, ва Ӯ ҳакиму огоҳ аст!) [Сабаъ: 1].

1

«الْحَمْدُ لِلَّهِ حَمْدًا كَثِيرًا طَيِّبًا مُبَارَكًا فِيهِ»

"Ҳамду сано ва ситоиш аз они Аллоҳ аст: Ҳамду санои фаровон, зебо, ва бобаракат ”.

2

«رَبَّنَا لَكَ الْحَمْدُ مِلْءُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ، وَمِلْءُ مَا شِئْتَ مِنْ شَيْءٍ بَعْدُ، أَهْلَ الثَّنَاءِ وَالْمَجْدِ، أَحَقُّ مَا قَالَ الْعَبْدُ، وَكُلُّنَا لَكَ عَبْدٌ: اللَّهُمَّ لَا مَانِعَ لِمَا أَعْطَيْتَ، وَلَا مُعْطِيَ لِمَا مَنَعْتَ، وَلَا يَنْفَعُ ذَا الْجَدِّ مِنْكَ الْجَدُّ»

“Парвардигори мо! Ҳамду ситоиш аз они Туст, онгуна ситоише, ки осмонҳову замин ва ҳар чиро, ки Ту бихоҳӣ пур кунад. Ту аҳли сано ва ситоишу бузургӣ ҳастӣ. Ту шоистаи ситоиши банда ҳастӣ, ва ҳамаи мо бандагони Ту ҳастем. Эй Аллоҳ! Он чиро, ки

Ту медиҳӣ, ҳеҷ кас тавони монеъ шудани онро надорад, ва чизеро, ки Ту манъ намудаӣ, касе тавони додани онро надорад, ва ҳеҷ соҳиби сармояеро сармояаш аз азобат наҷот нахоҳад дод".

3

«اللَّهُمَّ لَكَ الْحَمْدُ كُلُّهُ، وَإِلَيْكَ يَرْجِعُ الْأَمْرُ كُلُّهُ»

"Эй Аллоҳ! Тамоми ҳамду ситоиш барои Туст, ва тамоми умур ба сӯи Ту боз мегардад".

## Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳи мутаъол.

4

«اللَّهُمَّ رَبَّنَا لَكَ الحَمْدُ أَنْتَ قَيِّمُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ، وَلَكَ الحَمْدُ أَنْتَ رَبُّ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ، وَلَكَ الحَمْدُ أَنْتَ نُورُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ وَمَنْ فِيهِنَّ، أَنْتَ الحَقُّ، وَقَوْلُكَ الحَقُّ، وَوَعْدُكَ الحَقُّ، وَلِقَاؤُكَ الحَقُّ، وَالجَنَّةُ حَقٌّ، وَالنَّارُ حَقٌّ، (وَالنَّبِيُّونَ حَقٌّ، وَمُحَمَّدٌ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ حَقٌّ) وَالسَّاعَةُ حَقٌّ، اللَّهُمَّ لَكَ أَسْلَمْتُ، وَبِكَ آمَنْتُ، وَعَلَيْكَ تَوَكَّلْتُ، (وَإِلَيْكَ أَنَبْتُ) وَإِلَيْكَ خَاصَمْتُ، وَبِكَ حَاكَمْتُ، فَاغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ وَمَا أَخَّرْتُ، وَأَسْرَرْتُ وَأَعْلَنْتُ، وَمَا أَنْتَ أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي، (أَنْتَ المُقَدِّمُ، وَأَنْتَ المُؤَخِّرُ) لاَ إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ»

“Эй Аллоҳ! Парвардигори мо! Тамоми ҳамду ситоиш аз они Тӯст. Ту тадбиркунандаи осмонҳо ва замин ҳасти, Ва ҳамду ситоиш аз они Туст, ва Парвардигори осмонҳо ва замин ва ончи дар онҳо аст, Ту ҳасти, Ва Ту бар ҳаққӣ ва суханат низ ҳақ аст ва ваъдаат низ ҳақ аст, ва мулоқот бо Ту ҳақ аст, ва биҳишт ҳақ аст ва дӯзах низ ҳақ аст, ва Паёмбарон ҳақанд ва Муҳаммад (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ҳақ аст, ва қиёмат ҳақ аст. Эй Аллоҳ! Ба Ту таслим шудам ва ба Ту имон овардам ва бар Ту таваккал намудам ва бар Ту рӯй овардам ва бо кӯмаки Ту ба душманон

ба мубориза пардохтам, ва Туро ҳоким қарор додаам. Пас ҳар гуноҳе, ки пеш аз марг муртакиб шудам ва ҳар гуноҳе, ки осораш пас аз марг ҳамчунон идома пайдо мекунад ва гуноҳе, ки дар ҳолати пинҳонӣ ва ё ошкор анҷом додаам, ва ҳар гуноҳе, ки Худат аз ман ба он донотар ҳастӣ, мавриди омӯрзиш қарор деҳ, ва ин Ту ҳастӣ, ки ҳар киро хоҳӣ ба сӯи корҳои нек ва биҳишт ба пеш мебарӣ, ва ҳар киро хоҳӣ аз кори неку биҳишт ақиб меандозӣ. Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест".

**Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳи мутаъол.**

﴿ٱللَّهُمَّ مَٰلِكَ ٱلۡمُلۡكِ تُؤۡتِي ٱلۡمُلۡكَ مَن تَشَآءُ وَتَنزِعُ ٱلۡمُلۡكَ مِمَّن تَشَآءُ وَتُعِزُّ مَن تَشَآءُ وَتُذِلُّ مَن تَشَآءُۖ بِيَدِكَ ٱلۡخَيۡرُۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٢٦ تُولِجُ ٱلَّيۡلَ فِي ٱلنَّهَارِ وَتُولِجُ ٱلنَّهَارَ فِي ٱلَّيۡلِۖ وَتُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَتُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّۖ وَتَرۡزُقُ مَن تَشَآءُ بِغَيۡرِ حِسَابٖ ٢٧﴾ [آل عمران:٢٦-٢٧]

(Бор Илоҳо, эй Фармонравои ҳастӣ, ҳар киро бихоҳӣ, ҳукумат мебахшӣ ва аз ҳар ки бихоҳӣ, ҳукуматро бозпас мегирӣ; ва ба ҳар ки бихоҳӣ, иззат [-у қудрат] медиҳӣ ва ҳар киро бихоҳӣ, хор

медорӣ. [Парвардигоро] Хубӣ ба дасти Туст ва бе гумон, Ту бар ҳар чизе тавоноӣ. Шабро ба рӯз дармеоварӣ ва рӯзро ба шаб дармеоварӣ [ва аз тӯли яке мекоҳӣ ва бар дигаре меафзоӣ] ва [мавҷуди] зиндаро аз [моддаи] беҷон берун меоварӣ [рӯйиши гиёҳ аз дона] ва [моддаи] беҷонро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозӣ [берун омадани тухм аз паррандагон] ва ба ҳар ки бихоҳӣ, бешумор рӯзӣ медиҳӣ)

( Ду оят аз сураи Оли Имрон (26-27), ва дар аввали оят калимаи (Қул) қасдан зикр нашудааст ва он ишорат бар аввали дуо будан аст.)

5

«اللَّهُمَّ رَبَّ السَّمَوَاتِ وَرَبَّ الْأَرْضِ وَرَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ، رَبَّنَا وَرَبَّ كُلِّ شَيْءٍ، فَالِقَ الْحَبِّ وَالنَّوَى، وَمُنْزِلَ التَّوْرَاةِ وَالْإِنْجِيلِ وَالْفُرْقَانِ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ كُلِّ شَيْءٍ أَنْتَ آخِذٌ بِنَاصِيَتِهِ، اللَّهُمَّ أَنْتَ الْأَوَّلُ فَلَيْسَ قَبْلَكَ شَيْءٌ، وَأَنْتَ الْآخِرُ فَلَيْسَ بَعْدَكَ شَيْءٌ، وَأَنْتَ الظَّاهِرُ فَلَيْسَ فَوْقَكَ شَيْءٌ، وَأَنْتَ الْبَاطِنُ فَلَيْسَ دُونَكَ شَيْءٌ، اقْضِ عَنَّا الدَّيْنَ، وَأَغْنِنَا مِنَ الْفَقْرِ»

“Эй Аллоҳ, Парвардигори осмонҳо ва Парвардигори

замин ва Парвардигори Арши бузург, Парвардигори мо ва Парвардигори ҳама чиз, шикофандаи дона ва ҳаста ва нозилкунандаи Тавроту Инҷил ва Фурқон (Қуръон)! Ба Ту паноҳ металабам аз бадии ҳама чиз, ки пешонии ӯ дар дасти Туст. Эй Аллоҳ! Ту аввал ҳастӣ, пеш аз Ту чизе нест ва Ту охир ҳастӣ, баъд аз Ту чизе нест ва зоҳиру ошкор ҳастӣ, ва ҳеҷ чизе ошкортар аз Ту нест, ва Ту пинҳон ҳастӣ, ҳеҷ чизе пинҳонтар аз Ту нест. Қарзҳои моро бипардоз ва моро аз фақру нодори бениёз бигардон".

6

«اللَّهُمَّ إِنِّي أُشْهِدُكَ وَأُشْهِدُ مَلَائِكَتَكَ وَحَمَلَةَ عَرْشِكَ، وَأُشْهِدُ مَنْ فِي السَّمَاوَاتِ وَمَنْ فِي الْأَرْضِ، أَنَّكَ أَنْتَ اللهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ وَحْدَكَ لَا شَرِيكَ لَكَ، وَأَشْهَدُ أَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُكَ وَرَسُولُكَ»

“Эй Аллоҳ! Туро ва Фариштагону ҳомилони Арш ва тамоми касоне, ки дар осмонҳову замин ҳастанд, гувоҳ мегирам, ба ин, ки бешак Ту Аллоҳ ҳастӣ, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, ягона ҳастӣ ва шарике барои Ту нест, ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фаристодаи Туст”.

7

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ بِأَنِّي أَشْهَدُ أَنَّكَ أَنْتَ اللهُ لاَ إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ الأَحَدُ الصَّمَدُ، الَّذِي لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ وَلَمْ يَكُنْ لَهُ كُفُوًا أَحَدٌ»

“Эй Аллоҳ! Аз Ту мехоҳам ба воситаи шаҳодат доданам ба ин, ки Ту бешак Аллоҳе ҳастӣ, ки маъбуди (барҳақе) ҷуз Ту нест. Ягона ва бениёз ҳаст, ки на таваллуд карда, ва на аз касе зоида шуда, ва касе ҳамтои Ӯ нест”.

( Дар ҳадис ворид шудааст, ки ин дуо ҳамон Исм-Аллоҳи аъзам аст (Номи бузурги Аллоҳ) номе ки касе бо он дуо кунад, дуояшро Худованд иҷобат мекунад, ва касе бо ин ном чизе аз Худованд талаб кунад, Худованд ӯро медиҳад).

Сано ва ситоишҳо бар Аллоҳи мутаъол.

8

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ الْعَظِيمُ الْحَلِيمُ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ، لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ رَبُّ السَّمَاوَاتِ وَرَبُّ الْأَرْضِ وَرَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمِ»

“Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳи бузургу ҳалим нест. Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ, Парвардигори Арши бузург нест. Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ, Парвардигори осмонҳову замин ва Парвардигори Арши карим, нест”.

(Ва он аз дуоҳои рафъи ғаму андуҳ ва мушкилот аст.)

9

«اللهُ، اللهُ رَبِّي لَا أُشْرِكُ بِهِ شَيْئًا»

"Аллоҳ, Аллоҳ, Парвардигори ман, ба Ӯ чизеро шарик намесозам".

(Ва он аз дуоҳои рафъи ғаму андуҳ ва мушкилот аст.)

10

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، اللهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا، وَالْحَمْدُ لِلهِ كَثِيرًا، سُبْحَانَ اللهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ، لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللهِ الْعَزِيزِ الْحَكِيمِ»

“Ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) нест, магар Аллоҳ, яктост ва шарике надорад, ва аз ҳама чизу ҳама кас бузургтар аст, ва ҳамду ситоиши зиёд мар Ӯрост. Поку муназзаҳ аст Парвардигори ҷаҳониён, ҳеҷ ҳаракату нерӯе нест, магар ба (тавфиқи) Аллоҳи ғолибу бо ҳикмат”.

## 11

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ، وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ، سُبْحَانَ اللهِ، وَالْحَمْدُ لِلهِ، وَلَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَاللهُ أَكْبَرُ، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِاللهِ الْعَلِيِّ الْعَظِيمِ»

“Ҳеч маъбуди (ростине) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ягона ҳаст, ва шарике надорад. Подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност. Муназзаҳу пок аст ва ҳамду ситоиш барои Ӯст, ва ҳеч маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, ва Аллоҳ бузург аст, ва ҳеч ҳаракату нерӯе нест, магар ба (тавфиқи) Аллоҳи баландмартаба ва бузург”.

**12**

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ، أَنْجَزَ وَعْدَهُ، وَنَصَرَ عَبْدَهُ، وَهَزَمَ الْأَحْزَابَ وَحْدَهُ»

"Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ, ягона аст, ба ваъдааш вафо намуд, ва бандаашро нусрату пирӯзи дод, ва Ӯ худ аҳзобро шикаст дод".

13

«اللَّهُمَّ أَنْتَ رَبِّي لاَ إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، خَلَقْتَنِي وَأَنَا عَبْدُكَ، وَأَنَا عَلَى عَهْدِكَ وَوَعْدِكَ مَا اسْتَطَعْتُ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا صَنَعْتُ، أَبُوءُ لَكَ بِنِعْمَتِكَ عَلَيَّ، وَأَبُوءُ لَكَ بِذَنْبِي فَاغْفِرْ لِي، فَإِنَّهُ لاَ يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ»

“Эй Аллоҳ! Ту Парвардигори ман ҳастӣ, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, манро офаридӣ ва ма-н бандаи Ту ҳастам, ва ман бар аҳду паймоне, ки бо Ту бастаам, дар ҳадду тавонам пойбанд ҳастам, ба Ту паноҳ мебарам аз шарри он чӣ анҷом додаам. Ба неъматҳое,

ки бар ман додаӣ, эътироф мекунам, ва ба гуноҳонам низ эътироф мекунам, пас маро бибахш, бетардид гуноҳро ҷуз Ту касе намебахшад".

14

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ بِأَنَّ لَكَ الْحَمْدُ، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ الْمَنَّانُ، بَدِيعُ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضِ، يَا ذَا الْجَلَالِ وَالْإِكْرَامِ، يَا حَيُّ يَا قَيُّومُ»

“Эй Аллоҳ! Аз Ту мехоҳам ба воситаи эътирофам ба ин, ки ҳамду ситоиш барои Туст, ҳеҷ маъбуди (барҳақе) ҷуз Ту нест. Неъматдиҳандаи фаровонӣ, холиқи осмонҳову замин, эй соҳиби шукуҳу бузургворӣ, эй зиндаи пойдору побарҷо”.

( Дар ҳадис ворид шудааст, ки ин дуо ҳамон номи бузурги Аллоҳ (Исм-ул-Аллоҳи аъзам اسم الله الأعظم) аст, номе

ки касе бо он дуо кунад, дуояшро Худованд иҷобат мекунад, ва касе бо ин ном чизе аз Худованд талаб кунад, Худованд ӯро медиҳад).

15

«سُبْحَانَكَ مَا أَعْظَمَكَ رَبَّنَا»

“Поку муназзаҳ ҳастӣ (эй Аллоҳ), чӣ қадар бузург ҳастӣ эй Парвардигори мо”.

16

«سُبْحَانَ ذِي الْجَبَرُوتِ وَالْمَلَكُوتِ وَالْكِبْرِيَاءِ وَالْعَظَمَةِ»

"Пок аст соҳиби султа ва мулки осмонҳо ва бузургиву азамат"

17

«اللهُ أَكْبَرُ اللهُ أَكْبَرُ اللهُ أَكْبَرُ ذُو الْمَلَكُوتِ وَالْجَبَرُوتِ وَالْكِبْرِيَاءِ وَالْعَظَمَةِ»

"Аллоҳ бузург аст – се маротиба - соҳиби мулки осмонҳо ва султа ва бузургиву азамат".

18

«اللهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا، وَالْحَمْدُ لِلهِ كَثِيرًا، وَسُبْحَانَ اللهِ بُكْرَةً وَأَصِيلًا»

“Аллоҳ аз ҳама чизу аз ҳама кас бисёр бузург аст, ва ҳамду ситоиши фаровон барои Аллоҳ аст, ва дар ҳар субҳу шом Аллоҳ поку муназзаҳ ҳаст”.

## Барои дуокунанда мустаҳаб аст, ки баъди ҳамду санои Худованд, дуруд ва салом бар Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) бифиристад.

«اللَّهُمَّ صَلِّ وَسَلِّم عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ، كَمَا صَلَّيْتَ عَلَى إِبْرَاهِيمَ، وَعَلَى آلِ إِبْرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ»

(Эй Аллоҳ! Бар Муҳаммад ва хонадону асҳоби Муҳаммад дурӯд бифирист, ҳамон гуна, ки бар Иброҳим ва хонадону асҳоби Иброҳим дурӯд фиристодаӣ. Бешак ту сазовори ситоиш ва бузургворӣ ҳастӣ).

صحيح الدعاء والثناء على الله تعالى

# Дуоҳо аз Қуръон



Оянда

Баргаштан ба саҳифаи аввал

1

﴿حَسۡبِيَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ عَلَيۡهِ
تَوَكَّلۡتُۖ وَهُوَ رَبُّ ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡعَظِيمِ ١٢٩﴾

[التوبة:١٢٩]

(Аллоҳ барои ман кофист, ҳеч маъбуди (баҳақќе) ҷуз Ӯ нест. Бар Ӯ таваккал намудам, ва Ӯ Парвардигори Арши бузург аст).

2

﴿لَّآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنتَ سُبۡحَٰنَكَ إِنِّي كُنتُ مِنَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٨٧﴾ [الأنبياء:٨٧]

(Ҳеч маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, поку муназзаҳ ҳастӣ. Бешак ман аз ҷумлаи ситамкорон будаам) (Анбиё 87).

3

﴿رَبِّ ٱجۡعَلۡنِي مُقِيمَ ٱلصَّلَوٰةِ وَمِن ذُرِّيَّتِيۚ رَبَّنَا وَتَقَبَّلۡ دُعَآءِ ٤٠﴾ [إبراهيم:٤٠]

(Парвардигорам! Ман ва фарзандонамро барподорандаи намоз қарор деҳ. Эй Паврадигори мо! Дуои моро қабул фармо) [Иброҳим: 40].

4

﴿هُنَالِكَ دَعَا زَكَرِيَّا رَبَّهُۥۖ قَالَ رَبِّ هَبۡ لِي مِن لَّدُنكَ ذُرِّيَّةٗ طَيِّبَةًۖ إِنَّكَ سَمِيعُ ٱلدُّعَآءِ ٣٨﴾ [آل عمران:٣٨]

(Парвардигоро, аз ҷониби хеш фарзанди поку писандида ба ман ато кун, [ки] бе тардид, Ту шунавандаи дуоӣ) (Оли Имрон 38)

5

﴿رَبَّنَا ٱغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَإِسْرَافَنَا فِيٓ أَمْرِنَا وَثَبِّتْ أَقْدَامَنَا وَٱنصُرْنَا عَلَى ٱلْقَوْمِ ٱلْكَٰفِرِينَ ١٤٧﴾ [آل عمران:١٤٧]

(Эй Парвардигори мо! Аз гуноҳону зиёдаравии мо, даргузар ва гомҳои моро устувор бидор, ва моро бар гуруҳи кофирон пирӯз гардон). [Оли Имрон: 147].

6

﴿رَّبِّ ٱغۡفِرۡ وَٱرۡحَمۡ وَأَنتَ خَيۡرُ ٱلرَّٰحِمِينَ ١١٨﴾ [المؤمنون:١١٨]

(Эй Парвардигори ман! Бибахш ва раҳм фармо, ва Ту беҳтарин раҳмкунанда ҳастӣ). [Мӯъминун: 118].

7

﴿رَبِّ إِنِّي ظَلَمۡتُ نَفۡسِي فَٱغۡفِرۡ لِي﴾ [القصص:١٦]

(Эй Парвардигори ман! Бешак ба ман худ ситам намудам, пас маро бибахш). [Қасас: 16].

8

﴿رَبَّنَآ أَفۡرِغۡ عَلَيۡنَا صَبۡرٗا وَثَبِّتۡ أَقۡدَامَنَا وَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٢٥٠﴾

[البقرة: ٢٥٠]

(Парвардигори мо!, бар [дилҳои] мо сабру шикебоӣ фурӯ рез ва гомҳоямонро устувор бидор ва моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон) (Бақара 250)

9

﴿رَبَّنَا لَا تُزِغْ قُلُوبَنَا بَعْدَ إِذْ هَدَيْتَنَا وَهَبْ لَنَا مِن لَّدُنكَ رَحْمَةً ۚ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْوَهَّابُ ۝٨﴾

[آل عمران:٨]

(Парвардигори мо! Дилҳоямонро баъд аз он, ки моро ҳидоят намудӣ, мунҳариф магардон, ва аз назди Худат бароямон раҳмате арзонӣ фармо. Бешак Ту бисёр бахшанда ҳастӣ). (Оли Имрон: 8).

## 10

﴿رَبِّ ٱشۡرَحۡ لِي صَدۡرِي ۝٢٥ وَيَسِّرۡ لِيٓ أَمۡرِي ۝٢٦﴾ [طه:٢٥-٢٦]

(Парвардигоро, бар [ҳавсала ва] шикебоиям бияфзо, Ва корамро бароям осон гардон) (Тоҳо 25-26)

## 11

﴿مَسَّنِيَ ٱلضُّرُّ وَأَنتَ أَرۡحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ۝٨٣﴾ [الأنبياء:٨٣]

(“Ранҷ [-у бемории] ба ман расидааст ва Ту меҳрубонтарини меҳрубононӣ) (Анбиё 83)

12

﴿رَّبِّ أَعُوذُ بِكَ مِنْ هَمَزَٰتِ ٱلشَّيَٰطِينِ ٩٧ وَأَعُوذُ بِكَ رَبِّ أَن يَحْضُرُونِ ٩٨﴾

[المؤمنون:٩٧–٩٨]

(Парвардигоро, ман аз васвасаҳои шаётин ба Ту паноҳ мебарам. (97) Ва Парвардигоро, аз ин ки онҳо назди ман ҳозир шаванд, [низ] ба Ту паноҳ мебарам) ( Муъминун 97-98)

13

﴿رَبَّنَا ٱصۡرِفۡ عَنَّا عَذَابَ جَهَنَّمَۖ إِنَّ
عَذَابَهَا كَانَ غَرَامًا ٦٥﴾ [الفرقان:٦٥]

(Парвардигоро, азоби дузахро аз мо бозгардон, [ки] бе тардид, азобаш [сахту] пойдор аст). (Фурқон 65)

14

﴿وَسِعَ رَبُّنَا كُلَّ شَيۡءٍ عِلۡمًاۚ عَلَى ٱللَّهِ تَوَكَّلۡنَاۚ رَبَّنَا ٱفۡتَحۡ بَيۡنَنَا وَبَيۡنَ قَوۡمِنَا بِٱلۡحَقِّ وَأَنتَ خَيۡرُ ٱلۡفَٰتِحِينَ ٨٩﴾ [الأعراف:٨٩]

(Илми Парвардигорамон ҳама чизро фаро гирифтааст. Бар Аллоҳ таоло таваккал кардаем. Парвардигоро, миёни мо ва қавмамон ба ҳақ доварӣ кун ва Ту беҳтарин доварӣ) (Аъроф 89)

15

﴿ٱرۡزُقۡنَا وَأَنتَ خَيۡرُ ٱلرَّٰزِقِينَ١١٤﴾

[المائدة: ١١٤]

(Ба мо рӯзӣ деҳ, ки Ту беҳтарин рузидиҳандаӣ) (Моида 114)

16

﴿رَبَّنَآ ءَاتِنَا مِن لَّدُنكَ رَحۡمَةٗ وَهَيِّئۡ لَنَا
مِنۡ أَمۡرِنَا رَشَدٗا١٠﴾ [الكهف: ١٠]

(Парвардигори мо! моро аз ҷониби хеш раҳмате арзонӣ дор ва дар кори [ҳиҷрати] мо бароямон ҳидоят ва наҷот фароҳам соз) (Каҳф 10)

17

﴿رَبِّ هَبۡ لِي حُكۡمٗا وَأَلۡحِقۡنِي بِٱلصَّٰلِحِينَ ٨٣﴾ [الشعراء: ٨٣]

(Парвардигоро, ба ман донише [дар дин] бубахш ва маро ба шоистагон мулҳақ кун) (Шуъаро 83)

18

﴿رَّبِّ زِدۡنِي عِلۡمٗا﴾ [طه: ١١٤]

(Парвардигоро, бар донишам бияфзо) (Тоҳо 114)

19

﴿رَبِّ إِنِّي لِمَآ أَنزَلۡتَ إِلَيَّ مِنۡ خَيۡرٖ فَقِيرٞ ٢٤﴾ [القصص: ٢٤]

(Парвардигоро, ба ҳар хайре, ки бароям бифиристӣ, сахт ниёзмандам) (Қасас 24)

20

﴿رَبَّنَا هَبۡ لَنَا مِنۡ أَزۡوَٰجِنَا وَذُرِّيَّٰتِنَا
قُرَّةَ أَعۡيُنٖ وَٱجۡعَلۡنَا لِلۡمُتَّقِينَ إِمَامًا ٧٤﴾

[الفرقان:٧٤]

(Парвардигори мо! Аз ҳамсарону фарзандонамон бароямон (мояи хушнӯдӣ ва) равшаноии чашм ато намо, ва моро пешвои парҳезгорон қарор деҳ). [Фурқон: 74].

21

﴿رَبِّ أَوۡزِعۡنِيٓ أَنۡ أَشۡكُرَ نِعۡمَتَكَ ٱلَّتِيٓ أَنۡعَمۡتَ عَلَيَّ وَعَلَىٰ وَٰلِدَيَّ وَأَنۡ أَعۡمَلَ صَٰلِحٗا تَرۡضَىٰهُ وَأَدۡخِلۡنِي بِرَحۡمَتِكَ فِي عِبَادِكَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١٩﴾ [النمل:١٩]

(Парвардигоро, ба ман тавфиқ бидеҳ, то шукри неъматеро, ки бар ман ва бар падару модарам арзонӣ доштаӣ ба ҷой оварам ва [ёриам кун, то] коре шоистае анҷом диҳам, ки мояи хушнудиат гардад ва ба раҳмати хеш маро дар ҷамъи бандагони шоистаат ворид кун) (Намл 19)

22

﴿رَبَّنَا تَقَبَّلۡ مِنَّآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡعَلِيمُ ١٢٧﴾ ﴿وَتُبۡ عَلَيۡنَآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ١٢٨﴾ [البقرة:١٢٧-١٢٨]

(Эй Парвардигори мо! (аъмоли неки моро) аз мо бипазир, бешак Ту шунаво ва доно ҳастӣ). [Бақара: 127].

(Ва тавбаи моро бипазир, бешак Ту тавбапазиру муҳрубон ҳастӣ) [Бақара: 128].

# Дуоҳое ки дар намоз гуфта мешавад



Оянда

Баргаштан ба саҳифаи аввал

## Дуоҳое ки дар намоз гуфта мешавад.

1

«اللَّهُمَّ بَاعِدْ بَيْنِي وَبَيْنَ خَطَايَايَ كَمَا بَاعَدْتَ بَيْنَ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ، اللَّهُمَّ نَقِّنِي مِنْ خَطَايَايَ كَمَا يُنَقَّى الثَّوْبُ الْأَبْيَضُ مِنَ الدَّنَسِ، اللَّهُمَّ اغْسِلْنِي مِنْ خَطَايَايَ بِالثَّلْجِ وَالْمَاءِ وَالْبَرَدِ»

"Эй Аллоҳ байни ман ва байни хатоҳоям дури биандоз, ҳамчуноне ки байни машриқ ва мағриб фосила гузоштаи. Худоё манро аз хатоҳоям пок бигардон, ҳамчуноне, ки либоси сафед аз чирк пок мешавад. Худоё манро аз хатоҳоям бо барф, об ва жола бишӯй"

(Ин дуо аз дуоҳои истифтоҳ дар намоз аст.)

2

«اللَّهُمَّ رَبَّ جَبْرَائِيلَ، وَمِيكَائِيلَ، وَإِسْرَافِيلَ، فَاطِرَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ، عَالِمَ الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ، أَنْتَ تَحْكُمُ بَيْنَ عِبَادِكَ فِيمَا كَانُوا فِيهِ يَخْتَلِفُونَ، اهْدِنِي لِمَا اخْتُلِفَ فِيهِ مِنَ الْحَقِّ بِإِذْنِكَ، إِنَّكَ تَهْدِي مَنْ تَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ»

“Эй Аллоҳ! Парвардигори Ҷибрил ва Микоилу Исрофил, офарандаи осмонҳо ва замин, донандаи пинҳону ошкор! Ту байни бандаҳо дар он чӣ ихтилоф меварзанд, қазоват мекунӣ, дар

он чӣ ихтилоф шудааст, ба хости худат маро ба сӯи ҳақ ҳидоят намо, бешак Ту ҳар киро бихоҳӣ ба роҳи рост ҳидоят менамоӣ”.

(Ва ин дуо аз ҷумлаи дуоҳои истифтоҳ дар намоз аст, хусусан дар намози шаб (қиёми лайл). Инчунин дар коре агар шубҳа пайдо шавад, барои ҳақиқатро фаҳмидан ин дуо гуфта мешавад.)

3

«وَجَّهْتُ وَجْهِيَ لِلَّذِي فَطَرَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ حَنِيفًا، وَمَا أَنَا مِنَ الْمُشْرِكِينَ، إِنَّ صَلَاتِي، وَنُسُكِي، وَمَحْيَايَ، وَمَمَاتِي لِلهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ، لَا شَرِيكَ لَهُ، وَبِذَلِكَ أُمِرْتُ وَأَنَا مِنَ الْمُسْلِمِينَ، اللَّهُمَّ أَنْتَ الْمَلِكُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ أَنْتَ رَبِّي، وَأَنَا عَبْدُكَ، ظَلَمْتُ نَفْسِي، وَاعْتَرَفْتُ بِذَنْبِي، فَاغْفِرْ لِي ذُنُوبِي جَمِيعًا، إِنَّهُ لَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ، وَاهْدِنِي لِأَحْسَنِ الْأَخْلَاقِ لَا يَهْدِي لِأَحْسَنِهَا إِلَّا أَنْتَ، وَاصْرِفْ عَنِّي سَيِّئَهَا لَا يَصْرِفُ عَنِّي سَيِّئَهَا إِلَّا أَنْتَ، لَبَّيْكَ وَسَعْدَيْكَ وَالْخَيْرُ كُلُّهُ فِي يَدَيْكَ، وَالشَّرُّ لَيْسَ إِلَيْكَ، أَنَا بِكَ وَإِلَيْكَ، تَبَارَكْتَ وَتَعَالَيْتَ، أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ»

“Ман чеҳраамро дар ҳоле, ки аз ботил рӯ гардон шудаам, ба сӯи Зоте мутаваҷҷеҳ намудам, ки осмонҳову заминро офарид, ва ман аз зумраи мушрикон нестам. Бешак намозу ибодат ва зиндагию маргам, аз они Парвардигори оламиён аст, ки шарике надорад, ва ба ҳамин амр шудаам, ва ман аз ҷумлаи мусалмонон ҳастам. Эй Аллоҳ! Ту подшоҳ ҳастӣ, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест. Ту Парвардигори ман ҳастӣ ва ман бандаи Ту, хештанро ситам намудам ва ба гуноҳам иқрор мекунам, пас тамоми гуноҳонамро бибахш. Бешак ба ҷуз Ту касе гуноҳонро

намебахшад, ва маро ба беҳтарин ахлоқ ҳидоят намо, ва ҳеҷ касе ба беҳтарини он ҳидоят намекунад, магар Ту, ва хислатҳои бадро аз ман дур намо, ҳеҷ касе бадиҳои онро дур намекунад, магар Ту. Ман ба боргоҳат ҳозирам ва барои итоат аз Ту омодаам. Ва ҳаргуна хайру накӯӣ дар ихтиёри Туст, бадиро ба сӯи Ту роҳ нест. Ман ба лутфи Ту мавҷудам ва ба сӯи Ту мутаваҷҷеҳам. Ту бисёр бо баракат ва бартар ҳастӣ, аз Ту омӯрзиш мехоҳам ва ба сӯи боргоҳат тавба мекунам”.

(Ва ин дуо аз ҷумлаи дуоҳои истифтоҳ дар намоз аст, хусусан дар намози шаб (қиёми лайл).)

4

«سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ رَبَّنَا وَبِحَمْدِكَ اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي»

"Эй Аллоҳ! Туро ба поки ёд мекунам, эй Парвардигори мо, ва ситоиш мекунам Туро, Худоё! Манро биёмурз"

(Гуфтани ин дуо дар рукуъ ва саҷда машруъ аст)

## Дуоҳое ки дар намоз гуфта мешавад.

**5**

«اللَّهُمَّ أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ، وَبِمُعَافَاتِكَ مِنْ عُقُوبَتِكَ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْكَ لَا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَى نَفْسِكَ»

“Бор Илоҳо! Ман аз хашму ғазаби Ту, ба хушнӯдӣ ва ризояти Ту, ва аз кайфару муҷозотат, ба афву бахшишат, паноҳ мебарам, ва низ аз гирифту муҳосабаи Ту ба Ту паноҳ мебарам. Ман тавону қудрати баёни ҳамду ситоиши Туро надорам, Ту ҳамчуноне ҳастӣ, ки худат ба нафси хеш ҳамду ситоиш намудаӣ”.

(Гуфтани ин дуо дар ҳолати саҷда машруъ аст.)

6

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي ذَنْبِي كُلَّهُ دِقَّهُ، وَجِلَّهُ، وَأَوَّلَهُ وَآخِرَهُ وَعَلَانِيَتَهُ وَسِرَّهُ»

"Эй Аллоҳ! Тамоми гуноҳонамро, чӣ кӯчак бошаду чӣ бузург, ва чӣ аввал бошаду чӣ охир ва чӣ ошкор бошаду чӣ пинҳон, бибахш".

(Гуфтани ин дуо дар ҳолати саҷда машруъ аст.)

7

«اللَّهُمَّ اجْعَلْ لِي فِي قَلْبِي نُورًا، وَفِي لِسَانِي نُورًا، وَفِي سَمْعِي نُورًا، وَفِي بَصَرِي نُورًا، وَمِنْ فَوْقِي نُورًا، وَمِنْ تَحْتِي نُورًا، وَعَنْ يَمِينِي نُورًا، وَعَنْ شِمَالِي نُورًا، وَمِنْ بَيْنِ يَدَيَّ نُورًا، وَمِنْ خَلْفِي نُورًا، وَاجْعَلْ فِي نَفْسِي نُورًا، وَأَعْظِمْ لِي نُورًا»

“Эй Аллоҳ! Дар қалбу забон ва гушу чашм ва зеру боло ва аз тарафи росту чап ва дар пеши рӯ ва пушти сарам, нур қарор бидеҳ, ва дар ҷонам нуреро бияндоз ва нури бузурге бароям қарор деҳ”.

(Гуфтани ин дуо дар ҳолати саҷда машруъ аст, хусусан дар намози шаб.)

8

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ جَهَنَّمَ، وَمِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ، وَمِنْ فِتْنَةِ الْمَحْيَا وَالْمَمَاتِ، وَمِنْ شَرِّ فِتْنَةِ الْمَسِيحِ الدَّجَّالِ»

"Эй Аллоҳ! Ман ба Ту паноҳ мебарам аз азоби дӯзах, ва аз азоби қабр, ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг, ба Ту паноҳ мебарам аз бадии фитнаи Масеҳи Даҷҷол”.

(Гуфтани ин дуо дар ташаҳуди охир пеш аз салом машруъ аст.)

9

«اللَّهُمَّ أَعِنِّي عَلَى ذِكْرِكَ، وَشُكْرِكَ، وَحُسْنِ عِبَادَتِكَ»

“Эй Аллоҳ! Бар зикру шукр ва ибодати накуят, маро ёрӣ расон”.

(Гуфтани ин дуо дар ташаҳуди охир пеш аз салом машруъ аст.)

10

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي مَا قَدَّمْتُ وَمَا أَخَّرْتُ، وَمَا أَسْرَرْتُ وَمَا أَعْلَنْتُ، وَمَا أَسْرَفْتُ، وَمَا أَنْتَ أَعْلَمُ بِهِ مِنِّي، أَنْتَ الْمُقَدِّمُ وَأَنْتَ الْمُؤَخِّرُ، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ»

"Эй Аллоҳ! Гуноҳе, ки пеш аз марг муртакиб шудам ва гуноҳе, ки осораш пас аз марг ҳамчунон идома меёбад, ва гуноҳоне, ки пинҳон анҷом додам, гуноҳоне, ки ошкор анҷом додаам, ва аз ҳадгузарӣ, ва он чӣ Ту аз ман ба он донотар ҳастӣ, бибахш. Ту Зоте ҳастӣ, ки ба сӯи корҳои нек ва биҳишт ҳидоят мекунӣ,

ва ҳар касеро хоҳӣ аз корҳои нек ва биҳишт ба таъхир меандозӣ, ва ҳеҷ маъбуди ростине ҷуз Ту вуҷуд надорад”.

(Гуфтани ин дуо дар ташаҳуди охир пеш аз салом машруъ аст.)

11

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْمَأْثَمِ، وَالْمَغْرَمِ»

“Эй Аллоҳ! Ман ба Ту паноҳ мебарам аз шарри гуноҳ ва бадеҳкорӣ ва қарздорӣ”.

(Гуфтани ин дуо дар ташаҳуди охир пеш аз салом машруъ аст.)

12

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْجَنَّةَ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّارِ»

"Бори Илоҳо! Ман аз Ту биҳиштро талаб дорам, ва аз оташи дӯзах ба Ту паноҳ мебарам”.

(Гуфтани ин дуо дар ташаҳуди охир пеш аз салом машруъ аст.)

**13**

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ الْبُخْلِ وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ الْجُبْنِ وَأَعُوذُ بِكَ أَنْ أُرَدَّ إِلَى أَرْذَلِ الْعُمُرِ وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الدُّنْيَا وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ»

Эй Аллоҳ! Ман бар Ту паноҳ мебарам аз бахили ва хасисӣ, ва ба Ту паноҳ мебарам аз тарс, ва ба Ту паноҳ мебарам аз ин, ки ба марҳалаи пастии умр бирасам, ва ба Ту паноҳ мебарам аз фитнаи дунё, ва ба Ту паноҳ мебарам аз фитнаи дунё, ва ба Ту паноҳ мебарам аз азоби қабр".

(Гуфтани ин дуо дар ташаҳуди охир пеш аз салом машруъ аст.)

14

«اللَّهُمَّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي ظُلْمًا كَثِيرًا وَلَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ، فَاغْفِرْ لِي مَغْفِرَةً مِنْ عِنْدِكَ، وَارْحَمْنِي إِنَّكَ أَنْتَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ»

"Эй Аллоҳ! Бешак ман ба хештан ситами бисёр намудам, ва ба ҷуз Ту касе гуноҳонро намебахшад, пас маро аз назди худат бибахш ва маро раҳм намо, бешак Ту бахшандаи меҳрубон ҳастӣ”.

(Гуфтани ин дуо дар намоз машруъ аст, дар ҳолати саҷда ё дар ташаҳуди охир пеш аз салом гуфта мешавад.)

15

«اللَّهُمَّ حَاسِبْنِي حِسَابًا يَسِيرًا»

“Эй Аллоҳ! Суолу ҷавоби маро осон бигардон”.

(Гуфтани ин дуо дар намоз машруъ аст, дар ҳолати саҷда ё баъди ташаҳуди охир пеш аз салом гуфта мешавад.)

16

«رَبِّ قِنِي عَذَابَكَ يَوْمَ تَبْعَثُ عِبَادَكَ»

“Эй Аллоҳ! Дар он рӯзе, ки бандагонатро бармеангезӣ, аз азобат маро муҳофизат кун”.

(Гуфтани ин дуо дар намоз машруъ аст, дар ҳолати саҷда ё баъди ташаҳуди охир пеш аз салом гуфта мешавад.)

صحيح الدعاء والثناء على الله تعالى

# Дуоҳои набавӣ



Оянда

Баргаштан ба саҳифаи аввал

1

«اللَّهُمَّ رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً، وَفِي الآخِرَةِ حَسَنَةً، وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ»

“Эй Аллоҳ! Парвардигори мо! Дар дунё ва охират бар мо накӯӣ ато фармо, ва моро аз оташи дӯзах наҷот деҳ”.

(Ва бештари дуои Паёмбар (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ин буд.)

2

«اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي، وَارْحَمْنِي، وَاهْدِنِي، وَعَافِنِي، وَارْزُقْنِي»

"Эй Аллоҳ! Маро бибахш ва раҳм кун, ва ба роҳи рост ҳидоятам намо, ва офият (тандурустӣ)-ро насибам гардон, ва рӯзиям бидеҳ".

(Ин дуоест, ки некиҳои дунё ва охиратро бо ҳам якҷо мекунад)

3

«اَللّٰهُمَّ اكْفِنِيْ بِحَلاَلِكَ عَنْ حَرَامِكَ
وَاَغْنِنِيْ بِفَضْلِكَ عَمَّنْ سِوَاكَ»

“Эй Аллоҳ! Бо ҳалолат аз харом маро кифоят намо, ва бо фазлу марҳаматат аз ғайри Худат маро бениёз гардон”.

( Ин дуо барои гардонидани қарз аст)

4

«اللَّهُمَّ مُصَرِّفَ الْقُلُوبِ صَرِّفْ قُلُوبَنَا عَلَى طَاعَتِكَ» «يَا مُقَلِّبَ القُلُوبِ ثَبِّتْ قَلْبِي عَلَى دِينِكَ»

“Эй Аллоҳ! Эй гардонандаи дилҳо! Дилҳои моро ба сӯи тоат ва фармобардории Худат мунсариф бигардон”.

“Эй Аллоҳ! Эй гардонандаи қалбҳо! Қалби маро бар дини худат устувор бидор”.

(Ин дуо барои устувор мондан бар ҳақ аст, Ва бештари дуои Паёмбар (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) буд.)

5

«اللهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ مِنَ الْخَيْرِ كُلِّهِ عَاجِلِهِ وَآجِلِهِ، مَا عَلِمْتُ مِنْهُ وَمَا لَمْ أَعْلَمْ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ الشَّرِّ كُلِّهِ، عَاجِلِهِ وَآجِلِهِ مَا عَلِمْتُ مِنْهُ، وَمَا لَمْ أَعْلَمْ، اللهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ مِنْ خَيْرِ مَا سَأَلَكَ عَبْدُكَ وَنَبِيُّكَ مُحَمَّدٌ ﷺ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا عَاذَ مِنْهُ عَبْدُكَ وَنَبِيُّكَ، اللهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْجَنَّةَ وَمَا قَرَّبَ إِلَيْهَا مِنْ قَوْلٍ أَوْ عَمَلٍ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنَ النَّارِ وَمَا قَرَّبَ إِلَيْهَا مِنْ قَوْلٍ أَوْ عَمَلٍ، وَأَسْأَلُكَ أَنْ تَجْعَلَ كُلَّ قَضَاءٍ تَقْضِيهِ لِي خَيْرًا»

“Эй Аллоҳ! Аз Ту тамоми хӯбиҳоро хоҳонам, хубиҳои зудҳангом ва ояндаро ва хубиҳоеро, ки медонам ва намедонам. Ва аз тамоми бадӣ ба Ту паноҳ мебарам, бадиҳои зудҳангом ва ояндаро ва бадиҳоеро, ки медонам ва намедонам. Эй Аллоҳ! Ман аз Ту хубиеро мехоҳам, ки Бандаат ва Паёмбарат (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) онро аз Ту хостааст, ва паноҳ мебарам бар Ту аз бадие, ки Банда ва Паёмбарат (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) аз он ба Ту паноҳ бурдааст. Эй Аллоҳ! Аз Ту ҷаннат ва ҳар қавлу амале, ки ба он наздик месозад, хоҳонам,

ва ба Ту паноҳ мебарам аз оташи дӯзах ва он қавлу амале, ки ба он наздик месозад. Ва аз Ту мехоҳам, ин, ки ҳар қазо ва қадаре, ки бар ман файсала намудаӣ, онро бароям хайр бигардонӣ”.

(Ва он аз дуоҳои комилу ҷомиъ аст, ва дуоест, ки бисёре аз талабҳои бандаро дар бар гирифтааст)

## 6

«يَا حَيُّ يَا قَيُّومُ بِرَحْمَتِكَ أَسْتَغِيثُ، أَصْلِحْ لِي شَأْنِي كُلَّهُ، وَلَا تَكِلْنِي إِلَى نَفْسِي طَرْفَةَ عَيْنٍ»

“Эй ҳамеша зинда ва эй ҳамеша поянда! Бо (тавассул) ба раҳмати Ту аз Ту кӯмак металабам. Тамоми кору борамро ислоҳ гардон, ва як мижа задан ҳам маро бар нафси худам вогузор макун”.

(Ва ин дуо барои рафъи ғаму андӯҳ аст.)

7

«اللَّهُمَّ إِنِّي عَبْدُكَ ابْنُ عَبْدِكَ ابْنُ أَمَتِكَ نَاصِيَتِي بِيَدِكَ مَاضٍ فِيَّ حُكْمُكَ عَدْلٌ فِيَّ قَضَاؤُكَ، أَسْأَلُكَ بِكُلِّ اسْمٍ هُوَ لَكَ سَمَّيْتَ بِهِ نَفْسَكَ أَوْ أَنْزَلْتَهُ فِي كِتَابِكَ أَوْ عَلَّمْتَهُ أَحَدًا مِنْ خَلْقِكَ أَوِ اسْتَأْثَرْتَ بِهِ فِي عِلْمِ الْغَيْبِ عِنْدَكَ أَنْ تَجْعَلَ الْقُرْآنَ رَبِيعَ قَلْبِي وَنُورَ بَصَرِي وَجِلَاءَ حُزْنِي وَذَهَابَ هَمِّي»

“Эй Аллоҳ! Ман бандаи Ту, фарзанди бандаи Ту, ва фарзанди канизи Ту, ҳастам. Пешонӣ ва зимоми умури ман дар дасти Туст, қазовати Ту дар ҳаққи ман

адолат аст. Аз Ту бо ҳар номе, ки ба он хешро номидаӣ, ва ё онро дар китобат нозил намудаӣ, ва ё ба яке аз бандагонат омухтаӣ, ва ё дар назди худат дар илми ғайб онро нигаҳ доштаӣ, аз Ту мехоҳам, ки Қуръони Каримро баҳори дил ва нури биноӣ ва ҷалои ғаму андӯҳам, қарор диҳӣ”.

(Ва ин дуо барои рафъи ғаму андӯҳ аст.)

8

«اللَّهُمَّ لَا سَهْلَ إِلَّا مَا جَعَلْتَهُ سَهْلًا، وَأَنْتَ تَجْعَلُ الْحَزْنَ سَهْلًا إِذَا شِئْتَ»

"Эй Аллоҳ! Осоние нест, магар ончи Ту онро осон гардони, ва агар Ту бихоҳи мушкилиро осон мегардонӣ"

(Ва ин дуо барои осон гардидани мушкилиҳо аст.)

9

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْهُدَى وَالتُّقَى، وَالْعَفَافَ وَالْغِنَى»

“Эй Аллоҳ! Аз Ту ҳидояту парҳезгорӣ ва покизагию бениёзӣ хоҳонам”.

10

«اللَّهُمَّ اهْدِنِي، وَسَدِّدْنِي»

“Эй Аллоҳ! Маро ҳидоят кун, ва росту собитқадам нигаҳ дор”.

11

«اللَّهُمَّ أَصْلِحْ لِي دِينِي الَّذِي هُوَ عِصْمَةُ أَمْرِي، وَأَصْلِحْ لِي دُنْيَايَ الَّتِي فِيهَا مَعَاشِي، وَأَصْلِحْ لِي آخِرَتِي الَّتِي فِيهَا مَعَادِي، وَاجْعَلِ الْحَيَاةَ زِيَادَةً لِي فِي كُلِّ خَيْرٍ، وَاجْعَلِ الْمَوْتَ رَاحَةً لِي مِنْ كُلِّ شَرٍّ»

“Эй Аллоҳ! Динамро, ки он ҳифозаткунандаи амри ман аст, ислоҳ намо, ва дунёямро, ки дар он зиндагии ман қарор дорад, ислоҳ гардон, ва охиратамро, ки бозгаштам ба сӯи он аст, ислоҳ гардон, ва зиндагиямро боиси афзоиши корҳои нек бигардон, ва маргро аз тамоми бадиҳо бароям роҳат қарор бидеҳ”.

12

«اللَّهُمَّ إِنَّكَ عُفُوٌّ تُحِبُّ الْعَفْـوَ فَاعْفُ عَنِّي»

“Эй Аллоҳ! Ту бахшанда ҳастӣ ва афву даргузаштанро дӯст медорӣ, пас аз ман даргузар”.

13

«اللَّهُمَّ اقْسِمْ لَنَا مِنْ خَشْيَتِكَ مَا يَحُولُ بَيْنَنَا وَبَيْنَ مَعَاصِيكَ، وَمِنْ طَاعَتِكَ مَا تُبَلِّغُنَا بِهِ جَنَّتَكَ، وَمِنَ الْيَقِينِ مَا تُهَوِّنُ بِهِ عَلَيْنَا مُصِيبَاتِ الدُّنْيَا، وَمَتِّعْنَا بِأَسْمَاعِنَا وَأَبْصَارِنَا وَقُوَّتِنَا مَا أَحْيَيْتَنَا، وَاجْعَلْهُ الْوَارِثَ مِنَّا، وَاجْعَلْ ثَأْرَنَا عَلَى مَنْ ظَلَمَنَا، وَانْصُرْنَا عَلَى مَنْ عَادَانَا، وَلاَ تَجْعَلْ مُصِيبَتَنَا فِي دِينِنَا، وَلاَ تَجْعَلِ الدُّنْيَا أَكْبَرَ هَمِّنَا وَلاَ مَبْلَغَ عِلْمِنَا، وَلاَ تُسَلِّطْ عَلَيْنَا مَنْ لاَ يَرْحَمُنَا»

“Эй Аллоҳ! Аз тарсу хашятат ба андозае насибамон гардон, ки байни мо ва маъсияти Ту монеъ

шавад, ва аз тоати хеш он қадар ба мо насиб гардон, ки моро ба ҷаннатат бирасонад, ва аз яқини хеш ба қадре насибамон гардон, ки ба сабаби он то замоне, ки зинда ҳастем, мусибатҳои дунёро бар мо осон намояд, ва моро аз гӯшҳо ва чашмҳо ва қувватамон бархурдор бигардон, то даме, ки моро зинда медорӣ, ва онро ворисн мо қарор деҳ, ва интиқоми моро бар касе қарор деҳ, ки моро зулм намудааст ва сабаби мусибат дар дини мо шудааст, ва дунёро бузургтарин ҳадафи мо қарор мадеҳ, ва на онро поёни илму донишамон гардон, ва бар мо касеро мусаллат магардон, ки бар мо раҳм намекунад".

14

«رَبِّ أَعِنِّي وَلاَ تُعِنْ عَلَيَّ، وَانْصُرْنِي وَلاَ تَنْصُرْ عَلَيَّ، وَامْكُرْ لِي وَلاَ تَمْكُرْ عَلَيَّ، وَاهْدِنِي وَيَسِّرِ الهُدَى لِي، وَانْصُرْنِي عَلَى مَنْ بَغَى عَلَيَّ، رَبِّ اجْعَلْنِي لَكَ شَكَّارًا، لَكَ ذَكَّارًا، لَكَ رَهَّابًا، لَكَ مِطْوَاعًا، لَكَ مُخْبِتًا، إِلَيْكَ أَوَّاهًا مُنِيبًا، رَبِّ تَقَبَّلْ تَوْبَتِي، وَاغْسِلْ حَوْبَتِي، وَأَجِبْ دَعْوَتِي، وَثَبِّتْ حُجَّتِي، وَسَدِّدْ لِسَانِي، وَاهْدِ قَلْبِي، وَاسْلُلْ سَخِيمَةَ صَدْرِي».

“Парвардигоро! Маро ёрӣ расон, ва бар муқобили ман ёрӣ марасон, ва маро кӯмак бикун ва бар муқобили ман нусрат мадеҳ,

ва барои ман чораҳо андеш ва бар муқобили ман чора маяндеш, ва маро ҳидоят кун ва ҳидоятро бар ман осон намо, ва дар муқобили касе, ки бар ман туғён намудааст, кӯмакам намо ва нусратам деҳ. Парвардигоро! Маро бар Худат бисёр шукркунанда ва бисёр зикркунанда ва бисёр тарсону мутеъ ва бисёр дуокунанда, ва ба сӯи худат бозгарданда, қарор бидеҳ. Эй Парвардигор! Тавбаи манро қабул фармо, ва андуҳи манро бишӯ, ва дуоямро иҷобат кун, ва ҳуҷҷату даледамро мустаҳкам гардон, ва забонамро собит бигардон, ва қалбамро ҳидоят намо, ва палидиро аз синаам хориҷ бигардон".

15

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ فِعْلَ الخَيْرَاتِ، وَتَرْكَ الْمُنْكَرَاتِ، وَحُبَّ الْمَسَاكِينِ، وَأَنْ تَغْفِرَ لِي وَتَرْحَمَنِي، وَإِذَا أَرَدْتَ فِتْنَةً فِي قَوْمٍ فَتَوَفَّنِي غَيْرَ مَفْتُونٍ، وَأَسْأَلُكَ حُبَّكَ وَحُبَّ مَنْ يُحِبُّكَ، وَحُبَّ عَمَلٍ يُقَرِّبُ إِلَى حُبِّكَ»

“Эй Аллоҳ! Ман аз Ту тавфиқи корҳои хайру шоиста, ва тарки корҳои зишту палид ва дӯстдории масокинро хоҳонам. Ва ҳамчунин аз Ту мехоҳам, ки гуноҳони маро бибахшӣ, ва маро шомили раҳмати хеш намоӣ, ва чун хостӣ бандагонатро фитна

ва озмоише намоӣ, пас маро ба сӯи хеш бимирон бидуни ин, ки гирифтори фитнае шуда бошам. Эй Аллоҳ! Ман муҳаббати Ту ва муҳаббати касе, ки Туро дӯст медорад ва муҳаббати амале, ки ба муҳаббатат наздик месозад, аз Худат хоҳонам".

(Паёмбар (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) дар бораи ин дуоҳо мегӯяд: Инҳо дуоҳои ҳақ ҳастанд, онҳоро мутолиъа намоед ва биёмӯзед)

## 16

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الثَّبَاتَ فِي الْأَمْرِ، وَالْعَزِيمَةَ عَلَى الرُّشْدِ، وَأَسْأَلُكَ مُوجِبَاتِ رَحْمَتِكَ، وَعَزَائِمَ مَغْفِرَتِكَ، وَأَسْأَلُكَ شُكْرَ نِعْمَتِكَ، وَحُسْنَ عِبَادَتِكَ، وَأَسْأَلُكَ قَلْبًا سَلِيمًا، وَلِسَانًا صَادِقًا، وَأَسْأَلُكَ مِنْ خَيْرِ مَا تَعْلَمُ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا تَعْلَمُ، وَأَسْتَغْفِرُكَ لِمَا تَعْلَمُ، إِنَّكَ أَنْتَ عَلَّامُ الْغُيُوبِ»

“Эй Аллоҳ! Ман аз Ту суботу устуворӣ дар кор, ва ҳиммат дар ҳидояту рушд, хоҳонам. Аз Ту он

чӣ сабаби раҳматат мешавад, ва асбоби мағфирататро хоҳонам, ва аз Ту шукри неъмат ва ибодати беҳтаратро хоҳонам, ва аз Ту қалби солим ва забони содиқу ростгӯ, хоҳонам, ва аз Ту хубие хоҳонам, ки медонӣ, ва ба Ту паноҳ мебарам аз бадие, ки медонӣ, ва аз Ту талаби мағфират мекунам аз он чӣ медонӣ. Бешак Ту донандаи ғайбҳо ҳастӣ".

( Дар ҳадис омадааст, ки он беҳтар аз кони тилло ва нуқра аст)

17

«اللَّهُمَّ اهْدِنِي فِيمَنْ هَدَيْتَ، وَعَافِنِي فِيمَنْ عَافَيْتَ، وَتَوَلَّنِي فِيمَنْ تَوَلَّيْتَ، وَبَارِكْ لِي فِيمَا أَعْطَيْتَ، وَقِنِي شَرَّ مَا قَضَيْتَ، إِنَّكَ تَقْضِي وَلَا يُقْضَى عَلَيْكَ، إِنَّهُ لَا يَذِلُّ مَنْ وَالَيْتَ، وَلَا يَعِزُّ مَنْ عَادَيْتَ، تَبَارَكْتَ رَبَّنَا وَتَعَالَيْتَ»

“Эй Аллоҳ! Маро дар ҷумлаи касоне қарор деҳ, ки онҳоро ҳидоят намудаӣ, ва касоне, ки онҳоро офият бахшидаӣ, ва маро дар зумраи касоне қарор деҳ, ки онҳоро дӯсти хеш қарор додаӣ,

ва дар он чӣ бар ман додаӣ, баракат ато намо ва аз бадии он чӣ қазоват кардаӣ, маро ҳифз намо. Пас бешак Ту қазоват мекунӣ ва бар Ту қазоват карда намешавад. Бешак касеро, ки дӯст гирифтаӣ, гумроҳ нахоҳад шуд, ва касеро, ки душман гирифтаӣ, боиззату бокаромат нахоҳад шуд. Парвардигоро! Бисёр бобаракат ва баландмартаба ҳастӣ".

18

«اللَّهُمَّ بِعِلْمِكَ الْغَيْبَ، وَقُدْرَتِكَ عَلَى الْخَلْقِ، أَحْيِنِي مَا عَلِمْتَ الْحَيَاةَ خَيْرًا لِي، وَتَوَفَّنِي إِذَا عَلِمْتَ الْوَفَاةَ خَيْرًا لِي، وَأَسْأَلُكَ خَشْيَتَكَ فِي الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ، وَكَلِمَةَ الْإِخْلَاصِ فِي الرِّضَا وَالْغَضَبِ، وَأَسْأَلُكَ نَعِيمًا لَا يَنْفَدُ، وَقُرَّةَ عَيْنٍ لَا تَنْقَطِعُ، وَأَسْأَلُكَ الرِّضَاءَ بِالْقَضَاءِ، وَبَرْدَ الْعَيْشِ بَعْدَ الْمَوْتِ، وَلَذَّةَ النَّظَرِ إِلَى وَجْهِكَ، وَالشَّوْقَ إِلَى لِقَائِكَ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ ضَرَّاءَ مُضِرَّةٍ، وَفِتْنَةٍ مُضِلَّةٍ، اللَّهُمَّ زَيِّنَّا بِزِينَةِ الْإِيمَانِ، وَاجْعَلْنَا هُدَاةً مُهْتَدِينَ»

"Эй Аллоҳ! Ба воситаи илми

ғайби хеш ва қудрату тавоноият бар халқ (аз Ту мехоҳам) маро зинда бидорӣ, агар зиндагиро бароям хайр медонӣ, ва маро бимирон, агар марг бароям беҳтар бошад. Эй Аллоҳ! Дар ҳолати пинҳону ошкор хашяти Туро аз Ту хоҳонам, ва аз Ту сухани ҳақ ва адлу инсоф дар ҳолати ғазабу ризо талаб дорам, ва неъмате аз Ту хоҳонам, ки бепоён бошад, ва нури чашме аз Ту мехоҳам, ки қатъ нагардад, ва ризогии Туро баъд аз тақдир хоҳонам, ва зиндагии осӯда ва оромро баъд аз марг аз ту хоҳонам, ва лаззати нигоҳ кардан ба чеҳраи муборакатро ва шавқи мулоқотатро аз Ту

хоҳонам, ва паноҳ мебарам ба Ту аз мусибати зиёновар ва балои гумроҳкунанда.

“Эй Аллоҳ! Бо зиннати имон моро зиннат бибахш, ва моро аз ҷумлаи ҳидояткунандагони ҳидоятёфта қарор бидеҳ”.

19

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْعَافِيَةَ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ، اللَّهُمَّ أَسْأَلُكَ الْعَفْوَ وَالْعَافِيَةَ فِي دِينِي وَدُنْيَايَ وَأَهْلِي وَمَالِي، اللَّهُمَّ اسْتُرْ عَوْرَاتِي، وَآمِنْ رَوْعَاتِي، اللَّهُمَّ احْفَظْنِي مِنْ بَيْنِ يَدَيَّ، وَمِنْ خَلْفِي، وَعَنْ يَمِينِي، وَعَنْ شِمَالِي، وَمِنْ فَوْقِي، وَأَعُوذُ بِعَظَمَتِكَ أَنْ أُغْتَالَ مِنْ تَحْتِي»

“Эй Аллоҳ! Аз Ту дар дунё ва охират офият хоҳонам. Эй Аллоҳ! Аз Ту афву офият дар дину дунё ва хонадону молам, хоҳонам. Эй Аллоҳ! Шармгоҳамро бипӯшон

ва тарсамро ба амният табдил деҳ. Эй Аллоҳ! Маро аз пеши рӯ ва пушти сар ва аз тарафи росту чапам, ва аз болои сарам ҳифз намо. Ва ба азамати Ту паноҳ мебарам аз ин, ки ногаҳон аз самти поинам кушта шавам".

صحيح الدعاء والثناء على الله تعالى

# Истиъозаҳои набавӣ

## (Паноҳ ҷӯстан ба Аллоҳи мутаъол чи гунае ки дар ҳадисҳои Паёмбар (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) омадааст)



Оянда

Баргаштан ба саҳифаи аввал

1

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا عَمِلْتُ وَشَرِّ مَا لَمْ أَعْمَلْ»

“Эй Аллоҳ! Аз бадии он чӣ анҷом додаам ва бадии он чӣ анҷом надодаам, ба Ту паноҳ мебарам”.

(Ва бештари дуои Паёмбар (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ин буд.)

2

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ أَنْ أُشْرِكَ بِكَ وَأَنَا أَعْلَمُ، وَأَسْتَغْفِرُكَ لِمَا لَا أَعْلَمُ»

“Эй Аллоҳ! Ба Ту паноҳ мебарам аз ин, ки ба Ту шарик қарор диҳам, дар ҳоле, ки ман медонам, ва аз Ту талаби мағфират менамоям аз он чӣ намедонам”.

(Ва ин дуо риёро дур мекунад.)

3

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ زَوَالِ نِعْمَتِكَ، وَتَحَوُّلِ عَافِيَتِكَ، وَفُجَاءَةِ نِقْمَتِكَ، وَجَمِيعِ سَخَطِكَ»

“Эй Аллоҳ! Аз заволи неъмат ва дигаргӯн шудани офиятат, ки ба мо бахшидаӣ ва аз хашму ғазаби ногаҳон ва тамоми хашму ғазабат, ба Ту паноҳ мебарам”.

4

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ مُنْكَرَاتِ الأَخْلاَقِ، وَالأَعْمَالِ، وَالأَهْوَاءِ، وَالْأَدْوَاءِ»

“Эй Аллоҳ! Аз ахлоқу кирдор ва хоҳишоту бемориҳои нописанд, ба Ту паноҳ мебарам”.

5

«اللَّهمَّ إنِّي أَعُوْذُ بِكَ مِنْ جَهْدِ البَلاَءِ، وَدَرَكِ الشَّقَاءِ، وَسُوءِ القَضَاءِ، وَشَمَاتَةِ الأَعْدَاءِ»

“Эй Аллоҳ! Аз расидан ба ҳар бало ва сахтӣ ва расидан ба бадбахтӣ ва тақдири бад ва хушии душманонам, ба Ту паноҳ мебарам”.

6

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْعَجْزِ، وَالْكَسَلِ، وَالْجُبْنِ، وَالْبُخْلِ، وَالْهَرَمِ، وَعَذَابِ الْقَبْرِ اللَّهُمَّ آتِ نَفْسِي تَقْوَاهَا، وَزَكِّهَا أَنْتَ خَيْرُ مَنْ زَكَّاهَا، أَنْتَ وَلِيُّهَا وَمَوْلَاهَا، اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ عِلْمٍ لَا يَنْفَعُ، وَمِنْ قَلْبٍ لَا يَخْشَعُ، وَمِنْ نَفْسٍ لَا تَشْبَعُ، وَمِنْ دَعْوَةٍ لَا يُسْتَجَابُ لَهَا»

“Эй Аллоҳ! Аз аҷзу нотавонӣ ва танбалию буздилӣ ва пири ва азоби қабр, ба Ту паноҳ мебарам. Эй Аллоҳ! Бар ман тақвои нафс ато бифармо, ва онро пок

бигардон, зеро Ту беҳтарин касе ҳастӣ, ки онро пок месозӣ, Ту сарпарасту молики он ҳастӣ. Эй Аллоҳ! Аз илму донише, ки фоида намерасонад, ва қалбе, ки хушуъ ва хузуъ надорад, ва нафсе, ки сер намешавад, ва дуое, ки шунида намешавад, ба Ту паноҳ мебарам".

7

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الهَمِّ وَالحَزَنِ، وَالعَجْزِ وَالكَسَلِ، وَالبُخْلِ وَالجُبْنِ، وَضَلَعِ الدَّيْنِ، وَغَلَبَةِ الرِّجَالِ»

“Эй Аллоҳ! Аз нигаронию андӯҳ ва нотавонию танбалӣ, ва бухлу тарс ва хамшудани камар зери бори қарз ва ғалабаи мардон, ба Ту паноҳ мебарам”.

8

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ سَمْعِي، وَمِنْ شَرِّ بَصَرِي، وَمِنْ شَرِّ لِسَانِي، وَمِنْ شَرِّ قَلْبِي، وَمِنْ شَرِّ مَنِيِّي»

“Эй Аллоҳ! Аз бадии шунавоӣ ва биноӣ, ва бадии забону қалб ва бадии шармгоҳам, ба Ту паноҳ мебарам”.

9

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ النَّارِ وَمِنْ عَذَابِ النَّارِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ القَبْرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ عَذَابِ القَبْرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الغِنَى، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ الفَقْرِ، وَأَعُوذُ بِكَ مِنْ فِتْنَةِ المَسِيحِ الدَّجَّالِ»

“Эй Аллоҳ! Аз фитнаи оташи дӯзах ва аз азоби оташи дӯзах, ба Ту паноҳ мебарам, ва ба Ту паноҳ мебарам аз фитнаи қабр ва ба Ту паноҳ мебарам аз азоби қабр, ва ба Ту паноҳ мебарам аз фитнаи бадии сарватмандӣ ва ба Ту паноҳ мебарам аз фитнаи нодорӣ, ва ба Ту паноҳ мебарам аз фитнаи Масеҳи Даҷҷол”.

10

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِعِزَّتِكَ، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ، أَنْ تُضِلَّنِي، أَنْتَ الْحَيُّ الَّذِي لَا يَمُوتُ، وَالْجِنُّ وَالْإِنْسُ يَمُوتُونَ»

"Эй Аллоҳ! Ба иззату ҷалолат паноҳ мебарам, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, ин, ки мабодо маро гумроҳ намоӣ. Ту зинда ҳастӣ, ҳаргиз намемирӣ, ва ҷину инс ҳама мемиранд".

11

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ البَرَصِ، وَالْجُنُونِ، وَالْجُذَامِ، وَمِنْ سَيِّئِ الْأَسْقَامِ»

“Эй Аллоҳ! Ман аз песи ва девонагию ҷузом ва бемориҳои бад, ба Ту паноҳ мебарам”.

12

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ يَوْمِ السَّوْءِ، وَمِنْ لَيْلَةِ السَّوْءِ، وَمِنْ سَاعَةِ السَّوْءِ، وَمِنْ صَاحِبِ السَّوْءِ، وَمِنْ جَارِ السَّوْءِ فِي دَارِ الْمُقَامَةِ»

“Эй Аллоҳ! Аз рӯзу шаби бад, ва лаҳзаву рафиқи бад, ва ҳамсояи бад дар ҷое, ки зиндагӣ мекунам, ба Ту паноҳ мебарам”.

13

«أَعُوذُ بِاللهِ مِنَ الْفِتَنِ، مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَمَا بَطَنَ»

“Аз фитнаҳое, ки ошкору пинҳон ҳастанд, ба Аллоҳ паноҳ мебарам”.

صحيح الدعاء والثناء على الله تعالى

# Дуоҳои рукя (барои дуо хондан)



Оянда

Баргаштан ба саҳифаи аввал

1

Хондани сураи Фотиҳа, 7 маротиба.

﴿أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَانِ الرَّجِيمِ، بِسْمِ
ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ١ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ
ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣ مَٰلِكِ يَوۡمِ
ٱلدِّينِ ٤ إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥
ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ ٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ
أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ
وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ٧﴾ [الفاتحة:١-٧]

Паноҳ мебарам ба Аллоҳ аз шайтони рондашуда.

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон.

(Ситоиш Аллоҳро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.* Бахшояндаи меҳрубон, * Фармонравои рӯзи ҷазо. * Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёри меҷӯем. * Моро ба роҳи рост ҳидоят кун: * роҳи касоне, ки онҳоро неъмат додаӣ, на хашмгирифтагон бар онҳо ва на гумроҳон.* Омин [Фотиҳа: 1-7].

2

# Хондани Оятулкурсӣ, 1 маротиба.

﴿ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥﴾ [البقرة: ٢٥٥]

(Аллоҳ зотест, ки ҳеҷ маъбуди (барҳакқе) ҷуз Ӯ нест. Зиндаву поянда аст. На хоби сабук Ӯро

фаро мегирад ва на хоби сангин. Аз они Ӯст, ҳар чӣ дар осмонҳо ва замин аст. Чӣ касе ҷуз ба иҷозати Ӯ дар назди Ӯ шафоъат мекунад. Он чиро, ки пеши рӯ ва он чиро, ки пушти сари онҳост, медонад ва ба илми Ӯ ҷуз он чӣ худ хоҳад, иҳота натавонанд ёфт. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро иҳота намудааст. Нигаҳдории онҳо бар Ӯ душвор нест. Ӯ баландпояву бузург аст!) [Бақара: 255].

3

Сураи Ихлос ва Муъавизатайнро (Сураи Фалақ ва сураи Нос) хонда дар дасташ пуф мекунад ва бо дастонаш ҷои дардро мешакад. Инро 3 бор такрор мекунад.

﴿قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ١ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ٢ لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ٣ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ٤﴾ [سورة الإخلاص]

(Бигӯ: «Ӯст Худои якто, (1) Худое, ки дар ҳоҷат ба Ӯ рӯ кунанд, (2) на зоида аст, ва на зоида шуда (3) ва на ҳеҷ кас ҳамтои Ӯст!) (4) [Ихлос: 1-4].

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ ١ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ٢ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ٣ وَمِن شَرِّ ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِي ٱلۡعُقَدِ ٤ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ٥﴾ [سورة الفلق]

(Бигӯ: Ба Парвардигори субҳгоҳ паноҳ мебарам, (1) аз шарри он чӣ офаридааст (2) ва аз шарри шаби торик чун дарояд (3) ва аз шарри ҷодӯгароне, ки дар гиреҳҳо афсун медаманд (4) ва аз шарри ҳасӯд чун ҳасад мекунад!(5)) [Фалақ: 1-5].

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ١ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ٢
إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ٣ مِن شَرِّ ٱلۡوَسۡوَاسِ ٱلۡخَنَّاسِ ٤
ٱلَّذِي يُوَسۡوِسُ فِي صُدُورِ ٱلنَّاسِ ٥ مِنَ
ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ٦﴾ [سورة الناس]

(Бигӯ: Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам, (1) Фармонравои мардум, (2) Худои мардум, (3) аз шарру васвасагари пинҳоншаванда, (4) он кӣ дар дилҳои мардум васваса мекунад, (5) хоҳ аз ҷинниён бошад ё аз одамиён!(6)) [Нос: 1-6].

4

«اللَّهُمَّ رَبَّ النَّاسِ أَذْهِبِ البَاسَ، اشْفِ أَنْتَ الشَّافِي، لاَ شِفَاءَ إِلَّا شِفَاؤُكَ، شِفَاءً لاَ يُغَادِرُ سَقَمًا»

(Эй Аллоҳ! Парвардигори мардум! Маризи ва дардро аз ман дур кун, Ту шифо диҳанда ҳасти, нест шифое магар шифои Ту, шифое ки баъдаш дарду маризиеро боқи намемонад).

(Бо дасти росташ ҷои дардро ё маризро мешакад ва дуоро мегӯяд.)

5

«بِسْمِ اللهِ، تُرْبَةُ أَرْضِنَا، بِرِيقَةِ بَعْضِنَا، يُشْفَى سَقِيمُنَا، بِإِذْنِ رَبِّنَا»

(Ба номи Аллоҳ, хоки заминамон, бо оби даҳони баъзеи мо, шифо медиҳад маризи моро, бо иҷозати Парвардигори мо)

(Аз оби даҳонаш дар ангушташ гузошта онро бар хок мегузорад, баъд аз он дар ҷои дард ё ҷароҳат гузошта дуоро мехонад)

6

«بِاسْمِ اللّٰهِ» «أَعُوذُ بِاللّٰهِ وَقُدْرَتِهِ مِنْ شَرِّ مَا أَجِدُ وَأُحَاذِرُ»

(Ба номи Аллоҳ)

–(Паноҳ мебарам ба Аллоҳ ва қудрату тавоноияш аз бадии ончи эҳсос мекунам ва метарсам)

(Дасташро дар ҷои дард мекардаги гузошта, се маротиба «بسم الله» " Бисмиллоҳ" гуфта баъд аз он 7 маротиба ин дуоро мехонад. «أَعُوذُ بِاللّٰهِ وَقُدْرَتِهِ مِنْ شَرِّ مَا أَجِدُ وَأُحَاذِرُ». " Паноҳ мебарам ба Аллоҳ ва қудрату тавоноияш аз бадии ончи эҳсос мекунам ва метарсам")

7

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّةِ، مِنْ كُلِّ
شَيْطَانٍ وَهَامَّةٍ، وَمِنْ كُلِّ عَيْنٍ لاَمَّةٍ»

(Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз ҳар шайтон, ва ҳар газанда (ҷонвари заҳрдор), ва аз ҳар чашми захмкунанда).

8

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ
مَا خَلَقَ»

(Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз шарри он чӣ офаридааст).

9

«بِسْمِ اللهِ الَّذِي لَا يَضُرُّ مَعَ اسْمِهِ شَيْءٌ، فِي الْأَرْضِ، وَلَا فِي السَّمَاءِ، وَهُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ»

(Ба номи Аллоҳ, ки ҳамроҳ бо номи Ӯ ҳеҷ чиз дар замину осмон зараре намерасонад, Ва Ӯ шунаво ва доност).

Се маротиба мегӯяд.

10

«بِاسْمِ اللهِ أَرْقِيكَ، مِنْ كُلِّ شَيْءٍ يُؤْذِيكَ، مِنْ شَرِّ كُلِّ نَفْسٍ أَوْ عَيْنِ حَاسِدٍ، اللهُ يَشْفِيكَ بِاسْمِ اللهِ أَرْقِيكَ»

(Ба номи Худо туро рукя (дуо) мехонам, аз ҳар чизе, ки туро озор медиҳад ва аз бадии ҳар нафсе ва чашми ҳосиде Худованд туро шифо мебахшад, ба номи Худо туро рукя мехонам)

11

«أَسْأَلُ اللهَ الْعَظِيمَ رَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ أَنْ يَشْفِيَكَ»

"Аз Аллоҳи бузургвор, Парвардигори Арши бузург мехоҳам, ки шифоят диҳад"

Ҳафт маротиба гуфта мешавад,

Агар худро рукя бихонад инхел мегӯяд: "Аз Аллоҳи бузургвор, Парвардигори Арши бузург мехоҳам, ки шифоям диҳад"

# Дар рукя шартҳо ва огоҳиҳое вуҷуд дорад, ки рукяхон онҳоро бояд риъоят кунад. Ва онҳо:

1

Инки рукя саҳеҳ ва аз Қуръону Суннат бошад, ва дур аз ширку бидъат ва муҳаррамот дар алфоз ва равиши хонданаш бошад.

2

Инки мусулмон таваккал ба Парвардигор кунад ва бидонад, ки рукя сабабе аст ва таъсире надорад магар бо иҷозати Худованд.

3

Инки барои таҷриба кардан руқя нахонад, Балки ба таъсир ва фоидаи руқя имон доштан воҷиб аст. Пас лозим аст, ки руқяхонанда ва касеро ки руқя мехонад, ҳарду ба таъсир ва шифои ёфтани бо руқяро имон дошта бошанд.

4

Ҳама оятҳои Қуръони карим шифо аст, Худованд мефармояд:

﴿وَنُنَزِّلُ مِنَ ٱلۡقُرۡءَانِ مَا هُوَ شِفَآءٞ وَرَحۡمَةٞ لِّلۡمُؤۡمِنِينَ﴾ [الإسراء:٨٢]

(Ва аз Қуръон он чи дармони

[ширку куфр] ва раҳмате барои муъминон аст, нозил мекунем). Аммо оятҳое ки руқя буданашон ворид шудааст, онҳоро дар руқя хондан авлотар аст.

5

Барои мариз беҳтар он аст, ки худаш худашро руқя хонад, зеро ин зиёдтар ба нафъӣ ӯ аст, ва ӯ беҳтар эҳтиёҷашро ба Худованд изҳор карда метавонад. Зеро ҳузури дил ва ихлоси ният дар руқя таъсири худро дорад.

صحيح الدعاء والثناء على الله تعالى

# Зикрҳои субҳу шом



Оянда

Баргаштан ба саҳифаи аввал

1

«لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ»

(Ҳеч маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад, яктост ва шарике надорад, подшоҳӣ аз они Ӯст, ва ҳамду ситоиш аз они Ӯст, ва Ӯ ба анҷоми ҳар коре қодиру тавоност).

Даҳ маротиба

2

«أَصْبَحْنَا وَأَصْبَحَ الْمُلْكُ لِلَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، لاَ إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لاَ شَرِيكَ لَهُ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرِ مَا فِي هَذَا الْيَوم، وَخَيْر مَا بعدِه، وَأَعُوذُ بِك مِنْ شَرِّ مَا فِي هَذا اليَوم، وَشَر مَا بَعْدِه، اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْكَسَلِ، وَالْهَرَمِ، وَسُوءِ الْكِبَرِ، وَفِتْنَةِ الدُّنْيَا، وَعَذَابِ الْقَبْر»

(Ба субҳ расидем ва мулк ҳам дар ҳоле ба субҳ расид, ки аз они Аллоҳ аст, ва ҳамду сано барои Аллоҳ аст, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ нест, ягона

аст, ҳеҷ шарике надорад.

Эй Аллоҳ! Аз ту хайри он чӣ дар ин рӯз ҳаст ва хайри он чӣ баъд аз он меояд, талаб дорам, ва ба Ту паноҳ мебарам аз шарри он чӣ дар ин рӯз ҳаст ва шарри он чӣ баъд аз он меояд. Эй Аллоҳ! Ба Ту паноҳ мебарам аз танбалӣ ва бадиҳои пирӣ ва фитнаи дунё ва азоби қабр).

Ин дуоро субҳ мегӯяд.

«أَمْسَيْنَا وَأَمْسَى الْمُلْكُ لِلَّهِ، وَالْحَمْدُ لِلَّهِ، لاَ إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لاَ شَرِيكَ لَهُ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ خَيْرِ مَا فِي هَذه اللَّيْلَةِ، وَخَيْر مَا بعدِها، وَأَعُوذُ بِك مِنْ شَرِّ مَا فِي هَذه اللَّيْلَةِ، وَشَر مَا بَعْدِها، اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنَ الْكَسَلِ، وَالْهَرَمِ، وَسُوءِ الْكِبَرِ، وَفِتْنَةِ الدُّنْيَا، وَعَذَابِ الْقَبْرِ»

(Ба шом расидем ва мулк ҳам дар ҳоле ба шом расид, ки аз они Аллоҳ аст, ва ҳамду сано барои Аллоҳ аст, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Аллоҳ нест, ягона аст, ҳеҷ шарике надорад.

Эй Аллоҳ! Аз ту хайри он чӣ дар

ин шаб ҳаст ва хайри он чӣ баъд аз он меояд, талаб дорам, ва ба Ту паноҳ мебарам аз шарри он чӣ дар ин шаб ҳаст ва шарри он чӣ баъд аз он меояд. Эй Аллоҳ! Ба Ту паноҳ мебарам аз танбалӣ ва бадиҳои пирӣ ва фитнаи дунё ва азоби қабр).

Ин дуоро вақти шом мегӯяд.

3

«اللَّهُمَّ أَنْتَ رَبِّي لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ خَلَقْتَنِي، وَأَنَا عَبْدُكَ، وَأَنَا عَلَى عَهْدِكَ وَوَعْدِكَ مَا اسْتَطَعْتُ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا صَنَعْتُ، أَبُوءُ لَكَ بِنِعْمَتِكَ عَلَيَّ، وَأَبُوءُ لَكَ بِذَنْبِي فَاغْفِرْ لِي فَإِنَّهُ لَا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلَّا أَنْتَ»

(Эй Аллоҳ! Ту Парвардигори ман ҳастӣ, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест, манро офаридӣ ва ман бандаи Ту ҳастам, ва ман бар аҳду паймоне, ки бо Ту бастаам, дар ҳадду тавонам пойбанд ҳастам, ба Ту паноҳ мебарам аз шарри он чӣ анҷом додаам. Ба неъматҳое,

ки бар ман додаӣ, эътироф мекунам, ва ба гуноҳонам низ эътироф мекунам, пас маро бибахш, бетардид гуноҳро ҷуз Ту касе намебахшад).

4

«اللَّهُمَّ بِكَ أَصْبَحْنَا، وَبِكَ أَمْسَيْنَا، وَبِكَ نَحْيَا، وَبِكَ نَمُوتُ، وَإِلَيْكَ الْمَصِيرُ»

«اللَّهُمَّ بِكَ أَمْسَيْنَا وَبِكَ أَصْبَحْنَا وَبِكَ نَحْيَا وَبِكَ نَمُوتُ وَإِلَيْكَ النُّشُورُ»

(Эй Аллоҳ! Бо кӯмаки Ту ба субҳ расидем, ва бо кӯмаки Ту ба шом расидем, ва бо кӯмаки Ту зинда мешавем ва бо кӯмаки Ту мемирем, ва ба сӯи Туст бозгашт).

Ҳангоми шаб гуфта мешавад (Эй Аллоҳ! Бо кӯмаки Ту ба шом расидем ва бо кӯмаки Ту ба субҳ расидем, ва бо кӯмаки Ту зинда мешавем ва ба кӯмаки Ту мемирем, ва ба сӯи Ту аст растохез ).

5

«اللَّهُمَّ فَاطِرَ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضِ، عَالِمَ الْغَيْبِ وَالشَّهَادَةِ، لَا إِلَهَ إِلَّا أَنْتَ رَبَّ كُلِّ شَيْءٍ وَمَلِيكَهُ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ نَفْسِي وَمِنْ شَرِّ الشَّيْطَانِ وَشِرْكِهِ، وَأَنْ أَقْتَرِفَ عَلَى نَفْسِي سُوءًا، أَوْ أَجُرَّهُ إِلَى مُسْلِمٍ»

(Эй Аллоҳ, офарандаи осмонҳову замин, донандаи пинҳону ошкор! ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ту нест. Парвардигор ва молики ҳама чиз ҳастӣ, ба Ту паноҳ мебарам аз бадии нафсам ва бадӣ ва ширки шайтон ва аз ин, ки ба худ кори баде кунам, ва ё ба мусалмоне онро раво донам).

6

«بِسْمِ اللهِ الَّذِي لَا يَضُرُّ مَعَ اسْمِهِ شَيْءٌ فِي الْأَرْضِ وَلَا فِي السَّمَاءِ وَهُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ»

(Ба номи Аллоҳ, ки ҳамроҳ бо номи Ӯ ҳеҷ чиз дар замину осмон зараре намерасонад, ва Ӯ шунавову доност).

Се маротиба.

7

«رَضِيتُ بِاللهِ رَبًّا، وَبِالْإِسْلَامِ دِينًا، وَبِمُحَمَّدٍ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ نَبِيًّا»

(Ба Парвардигорам ба унвони Аллоҳ, ва ба Ислом ба унвони дин ва Муҳаммад (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ба унвони паёмбар, розӣ ҳастам).

8

«اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْعَافِيَةَ فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ، اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْأَلُكَ الْعَفْوَ وَالْعَافِيَةَ فِي دِينِي وَدُنْيَايَ، وَأَهْلِي وَمَالِي، اللَّهُمَّ اسْتُرْ عَوْرَاتِي، وَآمِنْ رَوْعَاتِي، اللَّهُمَّ احْفَظْنِي مِنْ بَيْنِ يَدَيَّ وَمِنْ خَلْفِي، وَعَنْ يَمِينِي وَعَنْ شِمَالِي، وَمِنْ فَوْقِي، وَأَعُوذُ بِعَظَمَتِكَ أَنْ أُغْتَالَ مِنْ تَحْتِي»

(Эй Аллоҳ! Аз Ту дар дунё ва охират афву офият хоҳонам. Эй Аллоҳ! Аз Ту афву офият дар дину дунё ва хонадону молам, хоҳонам. Эй Аллоҳ!

Шармгоҳамро бипӯшон ва тарсамро ба амният табдил деҳ. Эй Аллоҳ! Маро аз пеши рӯ ва пушти сар ва аз тарафи росту чапам, ва аз болои сарам ҳифз намо. Ва ба азамати Ту паноҳ мебарам аз ин, ки ногаҳон аз самти поинам кушта шавам).

9

«أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللّٰهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ»

(Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз шарри он чӣ офаридааст).

10

«أَصْبَحْنَا عَلَى فِطْرَةِ الْإِسْلَامِ، وَكَلِمَةِ الْإِخْلَاصِ، وَدِينِ نَبِيِّنَا مُحَمَّدٍ -صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ- وَمِلَّةِ أَبِينَا إِبْرَاهِيمَ حَنِيفًا، وَمَا كَانَ مِنْ الْمُشْرِكِينَ»

(Бар фитрати Ислом ва калимаи ихлос ва дини паёмбарамон Муҳаммад (дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ва миллати падарамон Иброҳим (дуруд салом бар Ӯ салом), ки мусалмону ҳаниф буд ва аз ҷумлаи мушрикон набуд, субҳ намудам).

Ин дуоро вақти субҳ мегӯяд.

«أَمْسَيْنَا عَلَى فِطْرَةِ الإِسْلاَمِ، وَكَلِمَةِ الْإِخْلَاصِ، وَدِينِ نَبِيِّنَا مُحَمَّدٍ -صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ- وَمِلَّةِ أَبِينَا إِبْرَاهِيمَ حَنِيفًا، وَمَا كَانَ مِنْ الْمُشْرِكِينَ»

(Бар фитрати Ислом ва калимаи ихлос ва дини паёмбарамон Муҳаммад (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) ва миллати падарамон Иброҳим (дуруд салом бар Ӯ салом), ки мусалмону ҳаниф буд ва аз ҷумлаи мушрикон набуд, бегоҳ намудам).

Ин дуоро вақти шом мегӯяд.

11

«يَا حَيُّ يَا قَيُّومُ بِرَحْمَتِكَ أَسْتَغِيثُ أَصْلِحْ لِي شَأْنِي كُلَّهُ، وَلَا تَكِلْنِي إِلَى نَفْسِي طَرْفَةَ عَيْنٍ»

(Эй ҳамеша зинда ва эй ҳамеша поянда! Бо (тавассул) ба раҳмати Ту аз Ту кӯмак металабам. Тамоми кору борамро ислоҳ гардон, ва як мижа задан ҳам маро бар нафси худам вогузор макун).

12

«حَسْبِيَ اللهُ لاَ إِلهَ إِلَّا هُوَ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ وَهُوَ رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ»

(Аллоҳ барои ман кофист, ҳеҷ маъбуди (барҳаққе) ҷуз Ӯ нест. Бар Ӯ таваккал намудам, ва Ӯ Парвардигори Арши бузург аст).

Ҳафт маротиба



# Тахричи ҳадисҳо

## Аввал: Тахричи ҳадисҳои сано ва ситоиш.

1 Ривояти Муслим (600)

2 Ривояти Муслим (477)

3 Байҳақи дар " Шуъаби имон" (4087), Ва Албонӣ онро дар " Саҳеҳ-атарғиб" саҳеҳ гуфтааст.

4 Ривояти Бухорӣ (1120), (7442), Ва Муслим (769).

5 Ривояти Муслим (2713).

6 Ривояти Ҳоким дар "Мустадрак" (1920), Ва Албони дар "Ас-Силсила" (267) саҳеҳаш гуфтааст.

7 Ривояти Абудовуд (1493), ва Тирмизӣ (3475) ва уро ҳасан

гуфтааст, Ва Албонӣ дар " Мишкотул-масобиҳ" (2/708) саҳеҳ гуфтааст.

8 Ривояти Бухорӣ (6345), Ва Муслим (2730).

9 Ривояти Абудовуд (1525) ва Ибни Моҷаҳ (3382), ва Албонӣ дар "Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб" (1824) саҳеҳаш гуфтааст.

10 Ривояти Муслим (2696),

11 Ривояти Ибни Моҷаҳ (3878) ва Албонӣ дар тахриҷи Сунани ибни Моҷаҳ саҳеҳаш гуфтааст.

12 Ривояти Муслим (1218)

13 Ривояти Бухорӣ (6306)

14 Ривояти Абудовуд (1495), ва Тирмизӣ (3544), Ва Албонӣ дар "Мишкотул-масобиҳ" (2/708) саҳеҳаш гуфтааст.

15 Ривояти Табаронӣ дар "Авсат"

(7324), Ва Албонӣ дар "Тарғиб" саҳеҳаш гуфтааст.

16 Ривояти Аҳмад (6/24) ва Абудовуд (873), Ва Албонӣ дар " Мишкотул-масобиҳ" (1/192) саҳеҳаш гуфтааст.

17 Ривояти Абудовуд (874) ва Насои (1069), Ва Албонӣ дар "Саҳеҳи Насои" (3/289) саҳеҳаш гуфтааст.

18 Ривояти Муслим (601).

## Дуввум: Тахричи ҳадисҳои дуоҳои намоз.

1 Ривояти Бухорӣ (744), Ва Муслим (598).

2 Ривояти Муслим (770)

3 Ривояти Муслим (771)

4 Ривояти Бухорӣ (794), Ва Муслим (484).

5 Ривояти Муслим (486)

6 Ривояти Муслим (483)

7 Ривояти Бухорӣ (6316), Ва Муслим (763).

8 Ривояти Бухорӣ (1377), Ва Муслим (588).

9 Ривояти Абудовуд (1522), ва Насои (1303), Ва Албонӣ дар " Мишкотул-масобиҳ" (1/299) саҳеҳаш гуфтааст.

10 Ривояти Муслим (771)

11 Ривояти Бухорӣ (798), Ва Муслим (589).

12 Ривояти Абудовуд (792), ва ибни Моҷаҳ (910), ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъи сағир" (1/604) саҳеҳаш гуфтааст.

13 Ривояти Бухорӣ (2822), (6390)

14 Ривояти Бухорӣ (834), Ва Муслим (2705).

15 Ривояти Ҳоким дар "Мустадракаш" (190) ва саҳеҳаш гуфтааст.

16 Ривояти Муслим (709)

## Севум: Тахричи ҳадисҳои дуоҳои суолҳои набавӣ.

1 Ривояти Бухорӣ (6389), ва Муслим (2690).

2 Ривояти Муслим (2697).

3 Ривояти Тирмизӣ (3563) ва ҳасанаш гуфтааст, ва Албонӣ дар "Ас-саҳиҳа" (1/532) иснодашро ҳасан гуфтааст.

4 Ривояти Муслим (2654), Ва аммо лафзи (Эй баргардонандаи дилҳо, диламро бар динат собиту устувор бигардон, (يَا مُقَلِّبَ الْقُلُوبِ ثَبِّتْ قَلْبِي عَلَى دِينِكَ)) ривояти Тирмизӣ аст (3522), ва гуфт: Ин ҳадис ҳасан аст.

5 Ривояти Аҳмад (6/134), ва ибни Моҷаҳ (2/1264), Ва Албонӣ онро дар "Саҳеҳи ҷомеъи сағир" (1/274) Саҳеҳ гуфтааст.

6 Ривояти Тирмизӣ (3524), ва Насоӣ

дар "Сунани кубро" (9/212), ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (1913 – 5820) ҳасанаш гуфтааст.

7 Ривояти Аҳмад (4318), ва шайх-ул-ислом ибни Таймия ва шогирдаш ибни Қайим саҳиҳаш гуфтаанд, Нигар: Шифо-ул-алил (274).

8 Ривояти ибни Ҳиббон (874), Ва гуфт: Боби (Зикри ончизе, ки барои як шахс пурсидан ва талаб карданаш, барои осон гаштани мушкилот, аз Худованди бузург мустаҳаб аст (وقال باب (ذِكْرُ مَا يُسْتَحَبُّ لِلْمَرْءِ سُؤَالُ الْبَارِي جَلَّ وَعَلَا تَسْهِيلَ الْأُمُورِ عَلَيْهِ إِذَا صَعُبَتْ) ) ва Албонӣ дар "Ас-саҳиҳа" (2886) онро саҳеҳ гуфтааст.

9 Ривояти Муслим (2721), Шайх Саъдӣ -Худованд ӯро раҳмат кунад- дар бораи ин дуо мегӯяд: " Ин дуо аз ҷумлаи дуоҳои ҷомеъ ва

фоиданоке аст, ки суол ва талаби хайру некиҳои дин ва дунёро дар бар гирифтааст" Баҳчату қулуб-ал-аброр ва қуррату уюн ал-ахёр (205).

10 Ривояти Муслим (2725).

11 Ривояти Муслим (2720)

12 Ривояти Тирмизӣ (3502), ва гуфт: Ин ҳадис ҳасан саҳеҳ аст.

13 Ривояти Тирмизӣ (3502), Ва Насоӣ дар "Сунани кубро" (10161) ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (1268) ҳасанаш гуфтааст.

14 Тирмизӣ ривоят кардааст, ва гуфт: "Ин ҳадис ҳасан саҳеҳ аст".

15 Ривояти Аҳмад (22109) ва Тирмизӣ (3235), ва гуфт: "Ин ҳадис ҳасан саҳеҳ аст".

16 Ривояти Табаронӣ дар "Ал-кабир" (7135), ва Албонӣ дар "Ас-Саҳиҳа" гуфт: "Ин иснодаш хуб аст"

17 Ривояти Аҳмад (1718), ва Абудовуд (1425), Ва Албонӣ дар дар "Мишкотул-масобиҳ" (1273) саҳеҳаш гуфтааст.

18 Ривояти Аҳмад (18325), ва Насоӣ (1305), ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (1301) саҳеҳаш гуфтааст.

19 Ривояти Абудовуд (5074), ва Бухорӣ дар "Адаби муфрад" (1200) ва Албонӣ дар "Саҳеҳи адаби муфрад" (912) саҳеҳаш гуфтааст.

## Чаҳорум: Тахричи ҳадисҳои истиъозаҳои набавӣ.

1 Ривояти Муслим (2716), ва дар сунани Насоӣ (5524)

2 Ривояти Бухорӣ дар "Адаби муфрад" (716), ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъи сағир" (1/694) саҳеҳаш гуфтааст.

3 Ривояти Муслим (2739)

Тахричи ҳадисҳо

4 Ривояти Тирмизӣ (3591) ва Табаронӣ дар "Ал-кабир" (36) ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (1\278) саҳеҳаш гуфтааст.

5 Ривояти Бухорӣ (6616) ва Муслим (2707)

6 Ривояти Муслим (2722)

7 Ривояти Бухорӣ (2893) ва Муслим баъзеи ҳадисро ривоят кардааст (2706)

8 Ривояти Абудовуд (15510 ва Тирмизӣ (3492) ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (2/811) саҳеҳаш гуфтааст.

9 Ривояти Бухорӣ (6376), ва Муслим (589)

10 Ривояти Муслим (2717)

11 Ривояти Абудовуд (1554) ва Насоӣ (5493) ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (1/275) саҳеҳаш гуфтааст.

12 Ривояти Табаронӣ дар "Ал-кабир" (810), ва Албонӣ дар "Саҳеҳи ҷомеъ" (1299) ҳасанаш гуфтааст.

13 Ривояти Аҳмад (2667), ва Муслим (2867)

## Панҷум: Тахриҷи дуоҳои руқя.

1 Ривояти Бухорӣ (5749) ва Муслим (2201) ва дар Сунани Тирмизӣ (2063) Ин ки ӯро бо ҳафт маротиба хондани сураи Фотиҳа руқя хонд.

2 Ривояти Муслим (810) ва дар он омадааст, ки он бузургтарин оят дар китоби Аллоҳ аст, ва дар саҳеҳи Бухорӣ (2311) омадааст, ки ҳифз кунанда аз шайтонҳо аст.

3 Ривояти Бухорӣ (5735), (5748) ва Муслим (2192)

4 Ривояти Бухорӣ (5742), (5743)

5 Ривояти Бухорӣ (5745 , 5746) ва

Муслим (2194) , Шарҳи ин ҳадисро дар "Шарҳи Нававӣ бар саҳеҳи Муслим" бингар (14/184)

6 Ривояти Муслим (2202)

7 Ривояти Бухорӣ (3371)

8 Ривояти Муслим (2709)

9 Ривояти Абудовуд (5088) ва ибни Моҷа (3869) Ва Албонӣ дар дар "Мишкотул-масобиҳ" (2391) саҳеҳаш гуфтааст.

10 Ривояти Муслим (2186)

11 Ривояти Абудовуд (3106) ва Тирмизӣ (2083) Ва Албонӣ дар дар " Саҳеҳи тарғиб" (3480) саҳеҳаш гуфтааст.

## Шашум: Тахриҷи зикрҳои субҳу шом.

1 Ривояти Аҳмад (8719), ва ибни Боз (Худованд раҳматаш кунад) дар китоби "Туҳфат-ул-ахёр" исноди

ҳадисро ҳасан гуфтааст.

2 Ривояти Муслим (2723)

3 Ривояти Бухорӣ (3606)

4 Ривояти Абудовуд (5068), ва Тирмизӣ (3391), ва ибни Боз иснодашро саҳеҳ гуфтааст.

5 Ривояти Аҳмад (6597), ва Абудовуд (5076) ва Тирмизӣ (3529), ва Бухорӣ дар "Адаби муфрад", ва ибни Боз ҳасанаш гуфтааст.

6 Ривояти Аҳмад (446), ва Тирмизӣ (10179), ва гуфт: (Ҳасан саҳеҳ аст)

7 Ривояти имом Аҳмад (18967), ва Тирмизӣ (3389), ва ибни Боз иснодашро ҳасан гуфтааст.

8 Ривояти Аҳмад дар "Муснад" (4785), ва Абудовуд (5074) Ва Ҳоким саҳеҳаш гуфтааст.

9 Ривояти Аҳмад (7898), ва Тирмизӣ

(3437), ва ибни Боз иснодашро ҳасан гуфтааст.

10 Ривояти Аҳмад (15367, 21114), ва ибни Боз иснодашро саҳеҳ гуфтааст.

11 Ривояти Насоӣ (10405), ва Ал-Баззор (2/282) ва ҳасанаш гуфтааст, ва Албонӣ дар "Ас-силсила ас-саҳиҳа" (1/449)

12 Ривояти Абудовуд (5081), ва роҷиҳ вақфи ҳадис аст, ва он ҳукми рафъро дорад, чигунае ки Албонӣ зикр намудааст (ниг: Ас-силсила ас-саҳиҳа (1/449)

اقتداء العلمية الوقفية

**Муассисаи Иқтидо-и илмии вақфӣ**

Мо ба нашр ва паҳн кардани суннатҳо ва зикрҳои шабонарӯзии Паёмбар (Дурӯду саломи Аллоҳ бар Ӯ бод) алоқаманд ҳастем.

Аз тамос гирифтанат бо мо, хӯшҳол мешавем.

0 0 9 6 6 5 0 3 7 6 6 2 2 2

doa.eqtidaa.com

@eqtidaa1

Download on the App Store

ANDROID APP ON Google play